Адибаи Хуҷандӣ

ХУРШЕДИ РАҲГУЗАР

Душанбе
“Адиб”
2016

ББК 84 Тоҷик 7-5
А-11

Муҳаррир *Сафар Амирхон*

А-11 **Адибаи Хуҷандӣ. Хуршеди раҳгузар** *(маҷмӯаи ашъор)*. – Душанбе, “Адиб”, 2016, 80 саҳ.

“Хуршеди раҳгузар” намунаи ашъори солҳои охир эҷодкардаи шоираи хушзавқ Адибаи Хуҷандӣ буда, хонандаро ба олами ишқу зебоӣ ва покиву рӯшноӣ ҳидоят месозад.

ISBN 978-99947-2-446-8

© Нашриёти “Адиб”, 2016

ШАРҲИ ҲОЛИ ҒАМ

Ҳар чи мегӯям дар авҷи беназириҳо,
Мешавад такрор, такрори дусадбора,
Аз забони тӯтиёни маҳфили сирқот,
Эҳ, афсӯс, аз мани маҳзуни бечора.

Доштам ёре, мисоли чокари ағёр,
Ростӣ бурдаш зи ман як зодаи шайтон.
Ҷуз хиёнат, ҷуз бадӣ чизе намебинам
Дар нигоҳи соябори кинаи ёрон.

Боғҳои сабзи ашъорам Худовандо,
Бар мани бечора як себе намебахшанд.
Ин чароғони дурахшоне ба ҳар мисраъ,
Дар шаби торики бахти ман намерахшанд.

Зар намебахшад маро симурғи афсона,
То ба даргоҳаш ҳазорон хору симхор аст.
То ба даргоҳаш ҳақиқатҳои хушкида,
Ё ба нӯги тир, ё андар сари дор аст.

Пас биё, дар инзивои бекасии худ,
Ҳамнишини анкабуту морҳо бошам.
Ё бурун оям, ки гӯям рози торикӣ,
Чун ҳақиқат рӯи дасти дорҳо бошам.

* * *

Мисоли чашма ҷӯшидан гуноҳ аст,
Сифат шуд даври моро мурдарӯҳӣ
Ҳақиқатҷустае иззат набинад,
Варо донанд як бемори рӯҳӣ.

Ақиқу бирлианту зарру зевар,
Ки зеби шоми тори осмон аст.

Ба ганҷури хирад густардаам ман,
Ки андар мусҳафи ман ҷовидон аст.

Туро ман дуст медорам ҳамеша,
Муҳаббат дар нигоҳи ман араз нест.
Шаби бедориям ёди ту дорад,
Ва рӯзамро ба ҷуз рӯят ғараз нест.

Азимат мекунад арқоми торих,
Навори бод бошад чеҳразоре.
Фақат як ном – номи асҷади ту,
Фақат рӯи ту, рӯи шоҳворе.

* * *

Ногаҳ нигоҳ нола шуду шамъ кушта шуд,
Аз дурҳо садои хиёле намерасад.
Танҳотарин шабе,ки ба чоҳ уфтода буд,
Ҳатто ба ёди сарди заволе намерасад.

Ногаҳ раҷими ранг бишуд атри рӯзгор,
Алмоси кӯҳ гум шуду амвоҷи нури руд.
Ифритҳо ба бом нишастанд, водареғ,
Зоғу заған ба ҷои ситора бишуд фурӯ.

Ногаҳ замин ба ханҷараи аждаре фитод,
Ногаҳ нигоҳ шакли ҳаюло надида монд.
Мӯҳри фалак ба фитна зимоми мурод дод,
Дар ин саро садои Худо ношунида монд.

Ногаҳ дилам зи бекасии хеш гиря кард,
Оинаи шикаста зи сурат хабар надошт.
Ин шоире,ки буд сақар рӯзгори ӯ,
Парвои ҳеҷ фитнаи ағёри шар надошт.

* * *

Мубсароти зиндагиро мегузорам дур,
Чашмро бегона аз беҳуда хоҳам кард,
Қалбро боло барам бо зинаҳои нур,
Вожаро дур аз раҳи фарсуда хоҳам кард.

Он, ки қонуни ҳақиқатро кунад қурбон,
Чун қиёмат мешавам умре барои ӯ.
Он, ки берун мешавад аз нурхатти ишқ,
Мекунам занҷири исноде ба пои ӯ.

Дар видоди рӯшанӣ варточ, ҳоҳам шуд,
Гарчи зулмат мерасад аз ҳар нигоҳи сард.
Аз лаёлиматлабон ҷои гурезам нест,
Дар раҳи испеди саҳфа меравам бодард.

Тоири боми кабудам номаи заррин,
Аз Худо овардаам бар сӯи равзанҳо,
Бар Шумо эҳдо кунам тӯмори тиллоӣ,
Сӯи нуру рӯшанӣ оеду савсанҳо.

* * *

Эй офтобу обу ҳавои ҳаёти ман,
Аз ту нахостам ба ҷуз аз дастнорасӣ.
Бигзор то сироҷи хиёлат фиребадам,
Дигар чӣ дошт зиндагӣ узреву нокасӣ?

Сирқоти фитрати гули садбаргҳои сурх,
Харфе ба номи поки ту барбод додаам.
Шабнамнамуна сурату сират булуру нур,
Алмоси дил ба хидмати пӯлод додаам.

Инак ҳавои номия дорад нигоҳи ту,
Ҳамчун ҷазои бегунаҳии нигоҳи ман.
Дар субҳаи сиришк равад силки рӯзгор,
Эй ишқи осмонию ёдат гувоҳи ман.

* * *

Оқибат дар сукути дашти фикр,
Нолаи нои бод меояд.
Ларзиши мавҷи нур дар хотир,
Атри гумгашта ёд меояд.

Эй ҳанӯз, эй мусофири фардо,
Ман сафири туям ба сӯи адам.
Анчарӣ, анчари ту, эй соат,
Меваат ғам ба суфраи мотам.

Осиёнро биҳишти дурӯза,
Зиндагӣ дӯзахе ба покон аст.
Чуғзи ғам дар диёри вайрона,
Дар кавире, ки бод нолон аст.

* * *

Эй охирин умеди хазони масири бод
В-эй охирин таронаи он фарди бенишон.
Хок аст дар даҳони ману чист ёди ту,
Варточи ҷовидона шукуфони осмон.

Оре, ҳанӯз пайраҳаҳои нигоҳи ман,
Аз сояи хаёли қадат офтобӣ аст.
Оре, ҳанӯз аз ғами ҳиҷрони он нигоҳ,
Боронӣ аст шомаму рӯзам саҳобӣ аст.

Аз шаҳрҳои гумшудаи ҳусн, эй азиз,
Дар хотироти чеҳра харобот мондааст.
Коре,ки кард ними нигоҳат замонае,
Умре нигоҳи бегунаҳам мот мондааст.

Мехоҳамат чу марг дами нотавониям,
Мехоҳамат чу лаззати ширини як нигоҳ.
Мехоҳамат чу гиря дами бекасии худ,
Мехоҳамат барои дили хеш сарпаноҳ.

ЗАРАНГЕЗИИ ХОТИР

Дигар чашме надорам аз тасодуф,
Ҳавои шоду ширини қароре.
Мисоли лола ларзидан зи эҳсос,
Зи дидори ҷамили шаҳриёре.

Фақат имкони он дорам биёям,
Ба дидораш – ба даргоҳи дили худ.
Расам то лаҳзаи поку муқаддас,
Пазирам шеъри поку нозили худ.

Дар ин кӯча дучори абрҳоям,
Чу борон нола меборад вуҷудам.
Нигаҳ парвози бетобона дорад,
Куҷо бошад, куҷо самти суҷудам.

Навои обу хоку баргу бод аст,
Зарангезии хотир дар раҳи бод,
Надорам зиндагӣ дар хатти имрӯз,
Ману дирӯз, хатти ёду фарёд.

КАЪБАИ ЧАШМ

Омадам то бомдоди чашмҳои ту,
Аз шабони беситора, модар, эй модар.
Савсанистони рухи ту каъбаи чашмам,
Мушкили дилро ту чора, модар, эй модар.

Корвони кавкаби ашк аст афкорат,
Сад чаман садбарг бишкуфта дуои ту.
Хотират сӣ барги сабзи пораи Қуръон,
Чун фаришта сӯи имон раҳнамои ту.

Росиди наҷми саодат, росими некӣ,
Буданат чун будани маънои хуршед аст.

Дар сифат қақнусворӣ, эй гули ҷовид,
Бехазоно, бехазонии ту уммед аст.

Боғбони боғҳои бомдодонӣ,
Эй ҳама гул як намо аз боғи эҷодат.
Эй паридарёи дарёҳои нур,эй ҳур,
Эй муқаддас, бош бо ҳусни худододат

ҒАМНАВАРД

Бигзор маро, раҳо кун, эй дӯст,
Фардои ту не, гузаштаам ман.
Шояд ту гули шукуфта хоҳӣ,
Оина манам, шикастаам ман.

Дилдодаи атри навбаҳорӣ,
Ман барги хазони боғи зардам.
Хоҳӣ ту зи ханда настаранҳо,
Он гиря манам, ки ғамнавардам.

Он ҷо, ки манам, намерасӣ ту,
Н-омӯхта чун дили ту парвоз,
Он ҷо, ки туӣ, нахоҳам омад,
Н-омӯхтаам чу нозу пардоз.

Бе ишқи заминам инак,эй дӯст,
Беруншуда аз тилисми найранг.
Аз илми замон набуд судам,
Додаст маро фаришта фарҳанг.

ТО КУҶО ПАРВОЗ

То куҷо парвози ман, эй дӯст,
Дур не, то хотири сайёд.
То суҳуфи аввали девони ашъорам,
То сукути ёд, то фарёд.

Меравам аз лонаи соат,
Аз ҷавори меҳани анқо.
Бас зи обу донаи соат,
Арши аъло меравам, ҷоно.

Дастҳои чун булӯрамро
Мебарам то домани оҳе,
Нақши пои шишагинамро,
Мебарам берунтар аз роҳе.

Ё ҳаво, ё об, ё хуршед,
Тоире аз лонаи соат,
Мекунад парвоз то бесӯ,
Болу пар-ш аз гиряву тоат.

* * *

Иқтибоси чашмҳои туст хушбахтӣ,
Вожае, ки дастнорас буд мазмунаш.
Раҳсипори роҳи боронии фарёдам,
Норасиданҳо бувад ихтоми маҳзунаш.

Бо раҳи ёқутии тасбеҳ хоҳам рафт,
Сӯи ту дар пои ман зуннор занҷир аст.
Оҳ, аз ин оиназори дур аз дидор,
Дуртар аз сарҳади оина тасвир аст.

Шабнишинӣ мекунӣ дар хотироти ман,
Мисли маъно мерасӣ ҳар лаҳза аз ҳарфам.
Хонаи дил сӯхтиву омадӣ то ақл,
Чун гунаҳ дар оташи ишқи ту хушбахтам.

Як ҷавонӣ гум шудам дар шарм, фарёдо,
Дӯст медорад туро хокистарам бесуд.
Боз бояд зистан дар рози худ то марг,
Будаам аз навбаҳори ишқи худ мардуд.

* * *

Хӯшазори оҳҳоямро дарав бинмо,
Хаста з-ин ағёрзори зиндагониям.
Баъд аз ин реҳлат кунам то номуродиҳо,
Шуд хазон аз ҳаҷри ишқат навҷавониям.

Офтобу моҳро бигзор, лозим нест,
Тӯшаи роҳам кифоят номи ту, эй ёр.
Ин гули маснуии будам ту оташ зан,
Эй азизи дидаҳои дур аз дидор.

Тарҷумонӣ кун нигоҳамро, гули гиря,
Интизоре рӯи роҳи он нигаҳ биншин.
Хор агар дидӣ ба роҳаш, эй нигоҳи ишқ,
Ҳам ба дасти нотавони мижаҳо мечин.

Мекунад тороҷ ин марҷони аблақро,
Гиряро бар дори оҳе салб бояд кард.
Чанд холу хат кашидан бар ҷамоли худ,
Он нигаҳро бо дуое ҷалб бояд кард.

Орзуи тоати соат нигоҳи туст,
Дар ҷабинам кош бошад нақши пои ту.
Кош, бардорад Худо девори дуриро,
То шавад огаҳ дил аз ҳолу ҳавои ту.

НОМАИ АШКИ НИШОТ

Эҳдо ба шаби арӯсии
духтарам Фарзонаи Назар

Зеботар аз фариштаву ширинтар аз ҳаёт,
Эй беҳтарин намунаи эъҷози коинот.
Оре, булӯр нусхаи дастони нозукат,
Оре, гул аст руста зи алтофи хоки пот.

Парвардаам ба барги гули гиряҳо туро,
Нахли булӯр духтараки нозпарварам.
Монанди рӯд мавҷ бизад хостгори ту,
Эй ҳури шармпарвари дар пардаи зарам.

Эй нусхаю нишони ҳаё, эй ҳаёти ман,
Чун барги бед ларза ба ҷони дуо фитод,
Ҳаргиз мабод шабнами садбарги рӯт ашк,
Хушбахтию саодати ҳар рӯз аз ту бод.

26.10.2009

ЯК ШАҶАР НЕКӢ

Номаҳои чашмро шояд,
Решаи садбарг мехонад.
Варна ин хатти булӯриро
Ин ҷаҳон ҳаргиз намедонад.

Ин зимистонсуратӣ то чанд,
Турш будан ҳамчу себи хом.
Аз чӣ менолӣ зи душман, чанд
Ифтихоре мекунӣ аз ном?!

Нек буданро таманно кун,
Рушаниро мисли дарс омӯз.
Ҳеҷ дидӣ, душмане дорад
Офтоби тахти сабзи рӯз.

Гар магас ояд ба сӯи қанд,
Аҳриман бар сӯи гард ояд,
Аҳриман овар бурун аз дил,
К-аз ҳузураш ҷон ба дард ояд.

Куҳна шуд, душман дар ин вожа,
Мисли он кини куҳан пинҳон.
Тоза кун, ҳарфи нави ёрӣ,
Кишт бинмо ишқро дар ҷон.

Чун дарахти сабз кун набзат,
Як шаҷар аз хубию покӣ.
Хуш бимону нек бош, эй дӯст,
Лаҳзае пас дар таги хокӣ.

САВГАНД

Савганд бар фариштаи айвони осмон,
К-аз сарзамини соату оина меравам.
Ӯ омадаст, дар нигаҳаш дузахи ҷазост
Аз фитнаи фардои ту,эй дина меравам.

Дар шохсори сабзи чинорони ғамназир,
Зоғи сиёҳ буд дилам аз сӯги осмон.
Симурғи ишк н-омада то лонаи назар,
Мармарнамо нишаста дилам интизори он.

Эй дар ҳаво чу накҳати лоҳут ёди ту,
Дар обҳо ҳазор ҳубобе зи ташнагӣ.
Дар хобҳо чу нури ҳақиқат дамидаӣ,
Эй н-омада ба дида аз он сӯи зиндагӣ.

Вайроназор бе ту дами дарду ғам нафас,
Дар шохсори арш чу бум аст Офтоб.
Ин марзу бум бе қадамат дур аз ҳаёт,
Оре, зи гиряам шуда ободиҳо хароб.

ЧАРОҒИ ШИКАСТА

Эй охирин худои дурӯғини эътиқод,
Чун шишаи сиёҳи чароғи шикастаӣ.
Оре, парастиши ту маро сифр карда буд,
Умре чу дард дар дилу ҷонам нишастаӣ.

Рӯзе фариштаҳои дурӯғини ному нанг
Оянд бе ниқоби фиребо ба дидаҳо.
Он рӯз эътиқод пушаймон шавад зи худ,
Бовар шавад зи банди заминии худ раҳо.

Рӯзе, ки ҷомҳо ҳама лабрези оташанд,
Рӯзе, ки баҳри лутфи Худо баҳри қаҳри ӯст.
Рӯзе ки осмону замин мисли коғазе
Афтода дар миёнаи оташ зи рангу бӯст.

Эй охирин Худои дурӯғини эътиқод,
Парвози ман дар оташи дӯзах гуноҳи туст.
Дине, ки ишқ буду китобаш сиёҳ буд,
В-он бутпарастии дили ман кешу роҳи туст.

ИХТИСОРИ МАН

Вожаро дар барг, дар шабнам,
Вожаро дар иқтибоси ғам,
Ишқро дар ихтисори ман,
то ту меорам.
Абр хоҳам шуд,
Субҳа меборам.
Зикрро дар соҳати оинаву алмос мекорам.
Кандакорӣ мекунам номи ту бо нохун
дар булӯри ҷоми Ҷамшедӣ.
Мавҷ-мавҷи шолизоронро,
Сояҳои атрборони дарахтонро,
Суҳбати дарёву боронро,
Мепарасторам даруни хотироти шукр.
Нақши поямро ба роҳи беғуруби шаҳр,
мекунам марҷон.
Кафшҳоямро ба соҳил мегузорам, меравам дарё.
Мешавам парвозҳои турнаро ҳамроҳ.
Меравам чун ғунчаи гулҳои олуча,
аз насими оҳ.

АЗ ХАЗОНИ АСРҲОИ ДУР

Дар паранди ёдҳои бод,
Барг-барги қарнҳо зард аст.
Аз хазони асрҳои дур,
Бод бедард аст.
Рӯзу шабҳоро,
Мешавад аз рӯи боли турнаҳо бирбуд?
Ҳаргиз на.
Ман сафар дорам,
Ман сафар дорам ба мистар то ба номаълум,
То ҳамеша
Омаданро мекунам тафсир.
Дар сафарҳо ҳамканори бод.
Хотироти бод садбаргист.
Аз хазон ҳам менависад дар суҳуфи бебақои барф.
Фаслҳо шояд барои бод меоянд?
Ман ғами худ
мекунам тасвир дар андешаи соат,
Соате, ки баста андар дасти торикист.
Дар сафарҳои биёбонии танҳоӣ,
Дар биёбоне, ки шодоб аст аз гиря,
Дур ҳоҳам шуд,
Аз канори сарди шаҳри мармаримаҳзар.
Инзиво яъне,
Ихтисори бовар аз имон.
Ишқро кардан раҷим аз ҷон.
Интизори дар канори барфҳо афтодани барге.
Туҳфа дорам як китоб аз шоири даврон,

НАҚШҲОИ КАВШИ СӮҲРОБ

Ҳар нафас оре,
Аз хаёли умри кӯтоҳи ту, эй шабнам,
Офтоб аз ғуссаҳо об аст.
Дар суҳуфу дафтари девони ин даврон,

Нақшҳои кавши Сӯҳроб аст.
Беназириро паёме нест,
Субҳи нотакрори истеъдод,
Рӯи боме нест.
Дар раҳи норафтаат, эй ранҷ,
Нақши гоме нест.
Ғунчаро сирқот кардан аз чаман
бинҳода дар гулдон,
Кори осон аст.
Дар замири ғунча номат атри исён аст.
Ин дарахти коҷ ёди сабзи ҷангалро нигаҳбон аст.
Меравад ноомаданро бод, дар зеҳни гули садбарг.
Настаран рӯида дар афкори ман,
бетобу гирён аст.
Киштии ҷорӣ ба рӯи об,
тарси тӯфон аст.
Низ медонам, бале инсон,
Нусхаҳои интишори сирати мазмуми шайтон аст.

ПУШТИ ФАРДОИ НАОЯНДА

Лоақал гӯед зиндонии зиндонҳо,
Ҷоятон сард асту торик аст.
Пушти равзан офтобе нест,
то фардорасон бошад.

Саҷда кардан чист бар ин хӯсаҳои ғафси саҳроӣ,
Зоғҳо биншаста дар андешаҳои тираи мазмум,
К-аз хаёли лоша мадҳушанд.

Пушти фардои наоянда,
Пушти ин меғ аст дидори Таолои ҳақиқатдӯст.

Дар низоми коиноти дур
Сад ҳазорон шамс пинҳон аст…
Эй нигоҳат нотавон, эй дил.

Аз низоми офтобии ҳақиқат н-омадам берун.
Эй Худо, охир ҷазое кай диҳӣ бар соати бераҳм,
Сад ҳазорон хатти батлон зад ба зебоӣ.

Дигар аз худ вожае асло нахоҳам гуфт,
Аз ту мегӯям.
Эй нишаста мисли дил дар шохсори набз.

РАМЗИ ТАСВИР

Хона сард аст,
Ҳаво дар паси равзан барф аст.
Зоғ биншаста бар он шохаи пурсӯги дарахт,
Хабари марги гулу сабза ба шодӣ мегуфт.
Мани яхкардаву чун шӯша шуда
дар тамошои чунин манзараи андуҳам.
Ва садо мерасад аз дуртарин хотираам.
Охирин номаи сабзе расад аз ҷодаи барфистонҳо.

Дур аз ҷангали андешаи ман бош, эй қавм !
То ки ин ҷо ҳама сабз,
ҳама зумрад бошад.
Хона сард аст,
Шояд андар паси ин кӯҳи баланд
Чашмаҳо ях карданд?
Тоирон рафтаву як тоири танҳо мурдаст?

– Турнаҳо аз чӣ бидуни ватанед?
– Оҳ, эй бехабари бечора,
ин баҳорон ватани мост, ки бо худ дорем.
Мебаремаш бо худ
бо худаш меорем.
Рост, оре.
Ватани ман ишқ аст,
Меравад бе ману ман мемонам
Андар ин хонаи сард.

* * *

Боз ҳам аз ишқ хоҳам гуфт,
То даме олучазори шаб
парниёнпӯш аст аз гулбарг.
То даме атри насими субҳ,
Мевазад аз хиттаи лоҳут.
Оқибат аз равзани асвад
то шабистони сиёҳи фикр
моҳро ирсол хоҳам кард.
Ҳолиё мо ношинсонем,
То фанои пардаҳо дар оташи мавъуд.
Меравам то кибриё, то нур,
Рӯзгоре мешавад асрор берун аз вуҷуди мо.
Дар кафам оина бо тасвири дидорат,
Дар ҷавонӣ ҳар гуноҳе аз нигаҳ зебост.
То ба тӯфони хирад дар набз,
Зиндагӣ зебост чун гулбарг!

САВГАНД БО АНҶИР

Чашма-чашма чашмасори меҳрубонӣ
аз нигоҳат чашм дорам,
Эй муқими он ҳама афсонаҳои беҳақиқат!
Ҳолиё савганд бо анҷир,
Ёди дидори ту ширин аст.
Накҳати оиназори дур аз дидор.
Ҳамсафар бо бод,
Нолаи фардои ман меояд аз иқлими нобудӣ.
Дур бош аз шаб!
Маъзарат мехоҳам, эй мармар,
Зиндагии фикри ман оинаасрор аст,
Ҳарфҳои гуфта аз ман нест.
Ман ҳамон фарёди маскуни сукути ҷовидониям.
Оҳ, аз ин қаҳқоси ҷангалҳо.
Оҳ, аз ин гумгаштагӣ дар рамз.
Эй сипеҳри ёсумансурат,
Беватан чун турнаҳо сӯи ту хоҳам рафт.

МУСОФИР ОМАД

Ва мусофир омад,
Берун аз роҳи кавири сӯзон,
Ранҷ роҳовардаш.
Ин ҷавонрафта чунин пир омад.
Ва аз ин козаи сангину хамӯш
Марде берун омад,
Пирзан ҳамроҳаш.
Гуфт он зол, ки:
– Ин омада додои ту аст !
Ва мусофир хандид.
– Ту магар хонуми зебои манӣ?
Не, набояд ки чунин хаставу пир
Ва чунин зору забун мебудӣ.
Ин магар тифли ман аст?
Ку ҳама ширини-ш?
– Пиразан ашк ба домон овард.
– Ҳамраҳат бурдӣ ҷавонии марову худро
Ва аз ин мард, ки фарзанди ту аст,
Бурдӣ он шодии кӯдак будан.
Оҳ, мо мо набудем,
Интизорӣ будем
Сари ин дуроҳа.
Шукр дорем, ки ҷон овардӣ,
Гарчи дар қайди хазон овардӣ.

НОМАҲОИ АБР

Озарахши ояҳои ашкро
бо хомаи анвор,
То пиндори як тасвир,
К-андар инзивои замҳарире зиндагӣ дорад,
Мебарам охир, Худо хоҳад.

Як шаҷар себи маъониро
зи боғи асваде,
Дар рӯд афшон мекунам шояд.

Мефиристам себро дар рӯд то фардо.

Номае будам ба номи ту,
Лек он қосид хиёнат кард,
Зери хокам бурд ҳамчун номаҳои абр,
Ман зи хоки норасидан омадам чун гул…

ЯК ҚАФАС ТОРИКӢ

Рӯз берангу нафас дилгир аст,
Як қафас торикӣ.
Боғи судоби нигаҳ фасли хазонрезиро,
менамояд такрор.
Аз ҳавои хуши ҷангалҳо дур,
Фикри ман месӯзад дар биёбони ҳазини ҳичрон.
Ва садои сухани об,
муяссар нашудаст.

Дар сухан шабнаму дар фикр чу уқёнусам,
Фикри ман пайванд аст
Ба чаманзори кабуди амвоҷ.

Ба ҳақиқат, ки заминӣ набувад,
Дили худро бифиристам,
ё ба минқори калоғ,
ё ба боли товус.
Берун охир нашавам тоза
аз ин вартаи пуршӯри гуноҳ.
Меравам дар раҳи оҳ.

ЗОДРЎЗИ ЧАШМ

Баргчашми ман,
Зи ҳоли сабзи чашмони ту мепурсам,
Ишқро
Оё ба сӯи ман намеояд?
Гарчи медонам баҳоронро
иртиботе нест бо поиз.
Баргчашми ман!
Барги сабзи меҳрубониро,
туҳфа кун бар зодрӯзи чашмҳои ман.
Чунки садбарги сиёҳи чашмҳои ман
руста дар оинаи рухсори поки туст.

Рафтаму бо ноз гуфтам : – Шаҳриёри ман!
Роҳро бар сӯи шабҳои хиёнат мебарӣ то кай?
Гуфт: – Аъмоли ту аз ту, аз ман аст аз ман.
Гӯрҳои мо ҷудо ҳастанд!

Баргчашми ман,
Роҳ агар судоб бошад, беҳтарин роҳ аст.
Ҳам адаб бояд пазирем аз дарахти себ.
Сурату сират ҳама хуррам,
сирату сурат ҳама атр аст.

Баргчашми ман!
Шабнами чашми ту будам дӯш.
Ҳолиё абрам ба чашми ғам.

ХУДО ДОНОСТ

Иқтидо кардам ба обу Офтоб,
Офтобификру обимақасадам дар умр.
Баъд аз ин довар нахоҳам буд
неку бадро дар билоди ҷони инсонҳо
В-аз шаби бечора дигар субҳ буданро намехоҳам.

Амри Ҳақ ин аст.
Ӯ намепурсад зи ман аз дигарон чизе,
Ӯ зи ман танҳо маро пурсад.
Аз гуноҳи худ ба дӯзах қисса хоҳам кард.
Аз савоби худ…
Намедонам.
Худо доност.

ДАРВОЗАИ ЗАРРИНИ БОРОН

Торҳои анкабути набз,
Ҷони моро баста дар ин маъсият то чанд медоранд?
Аз раҳоӣ ҳам умеде нест.
Ҷон мисоли киштии Нӯҳ аст,
мебарад гарди гуноҳи ҷисмро бо худ,
то ба сӯи оташи мавъуд.
Ё мисоли сӯзани ночиз
садди парвоз аст Исоро.
Андаруни шишаҳои сабз
як сувар дорам...
Дар ҳубобистони бемаъно,
накҳати мазмуни тар дорам.

Ёд, дар ҳамрангии варточ,
Роз дар бесуратии бод,
Соҳибӣ дорад билоди хуфта андар шӯразоронро.
Мешиносам ҳикмати зардуштии хоки биёбонро.

Хуб медонам сурағи соҳибони гӯрҳои холиро, эй ёр,
Ёди ман гулчини гулзорони беранг аст.
Сеҳри илми ман кушояд он ҳама
дарвозаи заррини боронро,
Пушти ин дарвозаҳо шаҳр аст.
Шаҳри мадруси қуруни пеш аз арқом.

ҒУРУБИ ШИШАҲОИ САБЗ

Осмон реҳлат намуд аз вожаҳои чашм,
Офтобе нест,
Баъд аз ин тор аст афкорам,
Баъд аз ин нақше надорад
оина аз килки пиндорам.
Эй саҳар, то кай намеоӣ?!
Дар чаманзори хамӯши ҳачр.

Ғунчазорони шафақро ношукуфтан мешавад қисмат,
Чунки афкорам ғуруби шишаҳои сабзро
андар назар дорад.
Сад ҳазор омад ба сабқат сӯи оина,
Ӯ наомад, то бибахшояд ба оина шукуфтанро.

Гиряи дар кӯча сарсонам куҷо мерафт?

Ғунчаи мармуз,
дуртар аз шишаҳои сабз…

Роҳи ман дар вақти рафтан лоҷувардӣ буд
То шафақ, то бениёзӣ
Бар шукуфтанҳои гулҳои тааллуқ
дар гулистони нигоҳи меҳр.

Ман чаро афтодаам андар муғелонзори бад дидан?
Чунки гулҳои самимият
Андар ин шаҳри забарҷадранг
Ҷои бишкуфтан намеёбанд.

Андар ин роҳи сапеди мармарӣ
садбарг мехушкад.
Сактаи дил мешавад аз беҳавоӣ коҷ,
Шаҳр бераҳм аст…

ДАР ШАБИСТОНИ ФАЛАК

Андаруни ранг,
Менишастам зор,
бо хаёли дурдасти растагори худ
Гиряамро ранг мекардам.
Дар садо такрор мегаштам,
то ба кӯҳу даштҳо номи азизатро.
Ҳеҷ кас бар ҷангали мармузи ашъорам намеояд,
Ҳеҷ кас то осмони сабзи пиндорам нашуд боло.
Ман туро чун дил ба худ дорам.
Набзи ман гул мекунад ҳар лаҳза аз номат.
Растагори ман!
Соҳати тақвими ман тор аст.
Сарҳади соат,
дур аз хушбахтии гулранги дидор аст.
Офтоби ман!
Дар шабистони фалак маҳтоби танҳоям.

Эй тулӯъи сад шафақ шодӣ,
Эй суҷуди ман ба сӯят берақам ракъат.
Ҳеҷ гаҳ бар бомдодони садафбандам намеоӣ.

Аз буридан хаста шуд
чун шоху барги тут дастонам,
К-аз Худо мехост дидорат…

СУҲБАТИ БАРГИСАПЕДОРӢ

Қалби ман меларзад андар шохсори сабзи набз,
эй дӯст,
Суҳбати баргисапедорист
дар лабҳою мижгонам.
Дастҳоям ноумед, инак,
домани қалби ту андар каф намеояд.
Зиндагонӣ бе ҳақиқат монд.

Хаста аз найранги тақдирам.
Қандили сабзи сиришкам
дар кадомин хона овезам?
Дар кадомин хонаи торик?
Дар кадомин хонаи сират?
Мазҳабу меъроҷи худро
мебарам берунтар аз пиндор.
Оқибат дар саҳфаҳои савсанӣ хуршед мекорам.
Хатти батлон мезанам бар шаб,
Оқибат андар биёбон мешавам борон.
Эй бароям номи ту маънои обу офтобу гул,
Метавонистам чароғе дар шабат бошам,
Метавонистам кунам ризвон хаёлатро.
Метавонистам шавам ширинии анҷир
андар коми тақдират.
Дурдасти ман!
Шоха-шоха бишкан охир нахли ҳасти ман,
Ё ба дасти бодҳо биспор бахти пасти ман.
Маргро гулдаста кун, бигзор,
рӯи дасти ман
Бе ту буданро намехоҳам !!!

АЗ ГУЛ ТО ГИЛ

Эй хаёлат хуштар аз ширинии анҷир,
Чашмҳоят сабзтар аз навбаҳори дур.
Эй саропо нур.
Бӯсаҳои осмониям,
Шоҳпаракҳои муаррақболи
гулзори зумуррадранги миноист.
Мерасам то ту
поктар аз об.
Ё муҷаллотар зи анвори билоди шишаҳои сабз.
Ҳам зи гул будан
то замони гил шудан дар хотири соат.
Қалби ман масдуди оина-ст.

Рӯзи ман чун барги садбарг аст, мерезад,
дар самуми ҳаҷр
Сӯи оина биёӣ, гул биёр, эй ёр.
Дар дили хотир наовар хор аз озор.
Мазҳаби шаффофи обу нурро магзор,
Дар фаромӯшии беранги биёбонҳо.
Абрҳоро гир андар шасти мижгони гули инсоф.
Ишкро овар зи кӯҳи Қоф.

САД ЧАМАН САДБАРГ

Рӯзро дар саҳфаҳои барг,
менависам сабз,
Ростӣ тақвими ман баргист.
Рифъати гул-гул шукуфтанҳои ман
дар боғҳои сабз
Мешавад такрор дар шабнам.
Сад чаман садбарги тар дорам дар афкорам
Ин ҳама садбаргро дар саҳфа меорам.
Меравам то бар ту омӯзам
беғурубиро,
Ало хуршед.

Зиндагӣ дорад дилам дар хонаи Исо.
Ришта-ришта нур меорам.
Рӯзро дар хилқати ялдо ҳамекорам.
Мезанам бо санги маҳтобии ашкам
бадсиголонро.
Мекунам ҷорӣ ба набзи фикрҳо амвоҷи боронро.

Бӯсаи садбаргии худро,
Мефишонам дар раҳе, ки нақши пои ту
муваррад буд…
Эй, ки ҳаргиз роҳи ту ин сӯ намеояд.

СОҲИЛИ МУРДОБИ ОИНА

Рӯзи ҳузнангези боронӣ,
Ҷангали зеботарини рамз,
В-ин ҳама товусҳо дар соҳили мурдоби оина.
Мерасад атри мусофир аз чаманзорони улёӣ.
Барги зарди сарҳади бесоҳили
тӯфони дарёҳои танҳоӣ.
Мехӯрам савганди савсанҳо,
Пок хоҳам буд.
Чашмҳои меҳрубони ишқ,
Ин қадар касношинос, эй ёр!
Ҳеҷ кас бар меҳрубонии нигоҳи ман намеарзад.
Эй дилошӯбии шабнам дар канори нур,
Ман мисоли гиряи худ бакасӣ дорам.
Пардаҳои лоҷуварди парфишон аз ёди нобудӣ!

Метавон, эй дӯст, чун хуршед,
Бо сифоти рӯшанӣ танҳои танҳо буд.
Саҳфа-саҳфа, дарза-дарза ҳарзаҳоро ҳам,
Метавон дар оташи фарёди ин умри абас сӯзонд.

Зиндагиро сафҳае дарёфтам, эй дӯст,
То навиштам номае бо номи маҳбубат.

Сарнавишти нома дур аз чашмҳои ту,
Дар фаромушию беқадрӣ ҳамесӯзад.

Ман мисоли гиряи худ бекасӣ дорам!

САДОИ ШИКАСТАН

Оҳ, аз ин гулҳои рӯҳонии гирянда,
Дар сипеҳри хотири ранҷидаи оинаи марсӯъ,
Инҳирофи ишқ аз ифрит.

Эй парандӯш омада аз накҳати мазмун,
Роҳи ирфон парниёнӣ нест!
Зиндагӣ дар сукри мазмуми гунаҳ то чанд?

Вожаи пирӯзаӣ дар чашм,
Сӯхтан дар дӯзахи дурии дидоре

Зиндагӣ кобусро монад
Ҷуз садоҳои шикастан нест мазмунаш.

Ман аз ин оҳанги маҳзун
то биёбон фикр хоҳам кард.

Ишқ, эй андешаи дур аз садову ранг,
Рафтани мазмун ба роҳи норасиданҳо.
Меравам, дар қоби он суратгари
мадҳуш аз дидори нотасвир,
Мекашам парвозро
бо ранги боли азрақиранги парӣ,эй дуст,
Мекунам тасвири он дидор.

* * *

Дар ҷавори хотироти бод
хонае дорам.
Мардуми осудахотирро хабар бояд,
Осмон ҳам зиндагӣ дорад,
дар масири бод.
Мо чаро аз боли парвози уқобон орзу дорем?
Боли обии ҳаёти мо нурпарвоз аст,
Мерасад дар ними як лаҳза,
Аз азал то бар аҷал, эй дӯст,
Ман чӣ бадбахтам ки мебинам,
Дар нигоҳи кӯдаки гаҳвора
тасвири ҷамоли марг.
Дер кардам ман ба базми турнаҳо,афсӯс!

* * *

Аз саҳфа то сарнавишт
норасидан дорад ин қонуни бесуд,
Мунфаил шуд нолаи занҷир дар дастони маҳбус

Мурдаҳо аз гӯр мехезанду меоянд, –
он шаҳидони ҷавони куштаи туҳмат.
Гиря ҷорӣ мешавад дар набзи телфон,
Фасли парвоз аст,
баргҳо дар ихтиёри бод,
Сел бурда субҳро аз қисмати торики чашми ман.
Суҳбати борону дарёро дӯст медорам,
Суҳбати боду дарахт аммо ғамангез аст.
Мешиносам сокинони гунбади фирӯзаро,эй дӯст,
Чашмҳои гумшуда аз хок.

Фасли парвоз аст,
Бод мерӯбад хиёбонро.

* * *

Маргҳо хотира дорам то марг,
Ва ба дори фарёд мекунам салби сукут.
Як гул аз боғи фалак вом диҳед,
Як гули алмосӣ,
Ки паёме зи ҷаҳаннам дорам...
Росими мазҳаби борон бошед!
Эй ки печид чу накҳат ёдат,
бо насими саҳарӣ.
Тирамаҳвор гурезе зи таъаллуқ дорам.
Эй сарои тазвир,
Эй самоҷатпеша,
Ҳолиё фурсати таҷрид расид!

САДОИ ТАШНАГӢ

Дарахти об
Расида дар канори роҳ,
Яке фаввораи пайванд бо Хуршед.

Саҳар бо накҳати садбарг,
Зи роҳи нур меояд.

Садои ташнагӣ аз дур меояд.

Раҳораҳ корвон кам мешавад аз мавҷ,
Раҳораҳ мевазад, оре, самуми ғам.

Расидан то биёбонҳо ғамангез аст.

Чаро, эй бод,
Чаро, эй сорбони нолаву фарёд,
Ҳадиси гул намегӯӣ?!

Дилам абр аст,
Андар панҷаи Хуршед.

ҶАНГАЛИ САБЗИ ДУО

Руста андар дастҳоям савсани гиря,
В-он ҳама фарёдҳои нотавону зор.
Интизори номае
аз дурдасти охирин уммед,
Чашмҳоям ҷангали сабзи дуо то ту.
Гиря чизе нест,
Сӯхтан, мурдан ба пеши пои ёди ту
низ бесуд аст.
Зиндагӣ дар ҳолаи дуд аст.
Парчами мижгон ба дасти ашк,
Меравам то додгоҳ,аммо,
Додгаҳро додхоҳе нест.

Ин саро бозори найранг аст.

ТО ШОИРӢ

Морҳоро медиҳам аз гиряи худ об,
Дӯстӣ дорам ба каждумҳо.
Чун дарахтам дар ҷафои бод,

В-аз ҳубоби лаҳза меҷӯям зари холис.
Аброо дар шасти мижгонҳои худ дорам,
Пеши поят мисли барфи сард меборам.

Фурсати нилуфарии об,
Меравад аз хотироти чашм
Ташнагӣ дорам ба одоби баланди халқ,
Ташнагӣ дорам ба дарёи уруҷи ақл.

То сарири он саробофар,
то ҳақиқат мерасам рӯзе,
Мерасам то шоирӣ, эй дӯст.

ФАРЁДИ НИГОҲ

Дер шуд, фурсат намеояд,
Аз биёбони руунат
то садоди субҳи доноӣ.
Кӯдаки хурди ятиме аз ятимистон,
Дастҳои сарди ҳамчун шӯшаи худро,
Аз ҳама афсонаҳои
орзуи интизори хастаи ранҷур,
дур хоҳад кард.

Кӯдаки ширинтар аз ширинии дунё,
Бо сиришки шӯртар аз оби уқёнус,

Кӯдакӣ чун заврақи заррин,
Рӯи рӯди гиряҳои ӯ шиновар буд.

Кӯдакии мисли ашк уфтода андар хок,
Хортар аз хор.

Лонаи вайронаи тақдир.

Эй гули рӯида дар мармар,
Дур аз боғу гулу гулшан,
Мерасад рӯзе,
бомдоди ту.
Лек медонам
Он дили чун коғазе бар бодҳо рафта,
барнахоҳад гашт.
Лонаи пуроби чашмонат
ҷои анқои муҳаббат ҳам
нахоҳад шуд.
Бовареро ошно ҳаргиз наҳоҳӣ шуд
Эй ятиме аз ятимистон.
Эй шикасташишаи имон.

ИҚТИДО

Хомаро дар ҷустуҷӯи чашмаи маънӣ,
Аз хаёли лоҷувардиранги чашмонат,
То ба фасли зарнисори мижаҳои хеш меорам.
Мешитобад фикрҳои обии ҳичрон
Дар биёбони ҳазини вақт.
Ҳеҷ чизе нест
аз матои суд дар дасти тапишҳои дили соат.
Дур шуд дидор аз оинаи будан.
Зиндагӣ бе ҳастии Хуршед зулмот аст,
Иқтидои ашк бо атри латифи шабнами барбод.
Зиндагии он шабеҳи дур
андар иқлими бунафши ёд.
Сурати зебои ӯ дар вартаи мижгон.
Ташнагии сармади ин дида бар дидор.
Норасидан то куҷову нокуҷои рамз.

Рафтани соат мисоли барги зарде дар масири бод.
Обрӯ ҳамчун нигини гумшуда
пайдо наҳоҳад шуд,
Чунки дар дарёст.

КИЛКИ СОАТ

Килки соат менависад номаи аъмоли буданро,
рӯи мармарҳо.
Илтивои зиндагӣ бо маъсият,
ширинии ғафлат,
Мисли парвози кабутарҳои коғазасли маснуист,
аз кафи кӯдак
то ба пеши пой.
Оҳ, аз он парвози сармад,
Андаруни оташи мавъуд.
Он рақам, ки нуқта хоҳад монд
Будани моро ба боғи атласи соат.

Ӯ, ки дар ин роҳ пайдо нест,
Мисли гул бигзор моро ҳам ба дасти бод.

Оҳ, эй парвоз,
Сояи дасти маро то асри милён бар!
Ҳам шаҷарро менамо шодоб аз гиря.
Дур бар инсофро аз марг…

ДАРВЕШ

Марди танҳое, ки насронист
Боми танҳоии ӯ барфист,
боронист,
Ҷандааш зеботар аз кулли
либоси маъсиятолуди дороён.
Дар либоси ботину зоҳир надорад гарди худҳоҳӣ,
Ӯ мусулмон аст…

* * *

Ҳамчу тӯфони дили садбарг,
Эй шукуфта рӯи роҳи бод,
Эй хаёлат сокини фарёд.

Фикри шабгардам парешон аст,
Чунки ӯ гулпарвари гулҳои лоҳутист.
Эй назири беназири ишқ,
Аз ту бадбахтӣ,
в-аз ту хушбахтист.

Эй муқими хотири тиллоии Хуршед,
Эй ҷилои боли зарҳалрези фаввора,
Гарчи зеботар зи садбаргию
обитар зи ашки ман
Ғамнамо аз дурии дидору наззора.
Дурии дидору оина.

Сайди ишқӣ, низ сайёди дили ошиқ,
Эй ту шоху барги сабзи набз, эй анвор,
Эй нишаста мисли қисмат дар ҷабини ман,
Шеър, эй пайғоми улвӣ, к-омадӣ аз ёр

ЭЙ МУҚИМИ ДӮЗАХИ ФАРЁД

Мерасад борон ба хоки Офтоб,
Илтивои оташу об аст.
Зиндагӣ баръаксафтор аст,
Об оташ буд,
оташ низ ҳам об аст.
Лаҳзаҳоро мегузорам чун зуғоле
рӯи оташ.
Эй муқими дӯзахи фарёди танҳо будани ҳуре,
к-аз ҷавори нур
андар ин ғори пур аз иблис уфтодаст.

Дӯст медорам туро,
Эй дур.
Эй туро дидор,
пушти он девор.
Он тараф нур аст,
Ин тараф торикии ҳиҷрон.

ДАР МАҲФИЛИ БОД

То ду бор омадани турна хиёнат кардӣ,
Ба баҳори дили ман.
Ишқи маҷнунбедӣ,
нигаҳи хуршедӣ.
Дили уфтода дар иқлими самуми абадӣ.

Аз ҳақиқат сухане хоҳам гуфт,
боз дар маҳфили бод
Фарди хобида нахоҳад донист, ҳеҷ фарҳанги саҳар.
Оҳ, агар хотири торих мушаббак бошад,
Ки аз он парвезан, хоки Бухоро резад.
Ва чӣ девори сиёҳ аст фаромӯшӣ
ба Самарқанду Хуҷанд.
Абру борони Самарқанду Бухор,
ҳолиё тоҷик нест.
Атри бобунанасими дирӯз,
аз гулу хори Бухоро нарасад.
Нақши пои қалами Рӯдакӣ ҳам бегона-ст
Ба нигоҳи туркӣ, – нигаҳи туркии чашми тоҷик.
Оҳ, агар хотири торих мушаббак бошад

БОДБУРДА

Гиряҳои он шаҷарро бод
Мебарад аз ёдҳои бебақои хок.
Накҳати ширини садбарге зи фасли бодбурда
Мерасад то сурати бесирати шабнам.

Фасли поиз аст.
Баргҳои зард,
мепаранд аз шохаи соат.
Шохсори мижаамро фасли сарди чашмрез омад.

Садҳазорон чашм мерезад зи мижгонам,
чун гули олуча бишкуфта.

Интизорӣ ноларо оҳанг мебандад.
Аз суруди сӯгвори набз,
Хотири хомӯшӣ озурда.
Ман намечинам дигар як гул
Аз чаманзорони найранги ту, эй соат.
Мекашӣ ин ресмони гиряро
ҳамчу тори анкабуте
баҳри сайди умр.
Мармаринтақвим,
Садҳазоронреза кардӣ ин ақиқи бебаҳо, афсӯс.

ТО БОМДОДИ БЕҒУРУБӢ

Рӯзҳо масдуди занҷиранд,
Шомҳо кӯчида
бар субҳи суҳуфи дафтари ашъор
Мефиристам дар лифофа сӯи фардоҳо,
накҳати садбарг.
Аз салиби соати девор,
Мехрубониро,
мебарам то саҷдаву мехроб.
Хотирамро мебарам то даргаҳи козури гиря.

Тоҳирӣ мехоҳам
аз ранҷидану гарду ғубори шишаи соат
В-аз гулистони сукути ҷон,
Мебиёрам як гули номи туро
То бомдоди беғурубӣ.

Мекунам кӯчат
Ин гули сибаргро дар хотири ҷонҳо.

Дӯст медорам туро, савганд.

ФАСЛИ ЧАШМРЕЗ

Фасли пойиз аст.
Аз дарахтон чашм меборад, –
Чашмҳои интизору гирябору зор.

Зиндагонӣ,
Эй дарахти бебаҳор,афсӯс.
Ҷовидон дорӣ хазонрезӣ,
Лек ҷои барг резад шохсори ту,
сурати албом
сурати инсон.

Ҳамсафар бо соатӣ?
Рӯзе,
Мекунад соат хиёнат бар ту бетардид!

ТО ЗАВОЛ

Дар биёбоне,ки месӯзад зи танҳоӣ,
Бингарӣ, ҷамъияти сусмор хушбахт аст.

Абрҳо шояд тиҳидаст омаданд имрӯз,
То биёбони дили одам?

Арғувони набзи шоир гул намерезад,
Роҳи дилро, эй рашод, имрӯз гум кардӣ.

Ояти инсоф бинвишта
бо хати садбарг.

Мо бар ин хат бесаводонем,
Мо муҳаббатро намедонем.
Инсидоди он нигаҳ то ман,
Нуқтаи марг асту хатми мисраи будан.

Бутпарастиҳои бовар то ҳақиқат,
то завол омад.

ПАРВОЗИ АСИР

Рӯзи боронист.
Эй нишаста дар паси тирезаи хотир,
Кош берун мерасидӣ.

Нолаҳои ман
Дар кафи тифлон шабеҳи бодпарвоз аст,
Мисли парвози асири барги гул аз шохсорон.

Оҳ, эй меъроҷи масдуд,
Ин паёматро замон охир намехоҳад пазирад,
К-аз шигарфӣ дур шуд ин шишаи асвад.

ИЛМИ БЕЧОРА

Оқибат дар зӯзанабзорон,
Илми инсон нақши пои хеш мемонад.
Шуриши худхоҳии иблиси ҷони мо,
Мегузорад рӯи ҳар як кавкабе имзо,

– Шояд оре,дӯстам шояд.
Лек бар ин илми инсонӣ,
Илми оҷиз,
илми бечора,
Баста мемонад дари дилҳо
ҳазорон сол…

Нагзарад аз сарҳади сурат,
чашмҳои мо.
Кашфи ботини халоиқро
ҳеҷ илму ишқ
Қодир нест, қодир нест, қодир нест !!!

ҒУРУБИ ШАҶАР

Эй ғуруби он шаҷар дар хотири соат,
В-эй садои ҳузни ҷовиди фано
дар рӯзгори бод.
Мадраҷи барбод рафтанро
меравам осудаву ором.
Моҳии тиллои уқёнуси торикӣ,
дар сиришки ман шиновар мешавад имшаб.
Чун гунаҳ дар дӯзахи ҳиҷрони дидори ту месӯзам.
Номаҳои норасида то висоли чашмҳои ту.
Ёр, бе гармии чашмонат,
Дар дилам обу ҳаво барфист.

Бе ту бедорӣ маро марг аст.

Ман кунун аз саҳфаи оинаҳо тасвир мешӯям.
Аҳриман гетинигор омад.

Ёр, эъҷози худовандӣ,
Ҳусни ман чун нақш дар об аст.
Ишқи ту сармадсувор дар ҷон
Садри ту авранги аржанги хаёли ман.

ДУР АЗ МАЪНО

Зиндагиро мегузорам пеши оина,
Чун булӯриншишаи атри франсузӣ,
Ё мисоли пудраи пидроми ҳиндӣ.
Зиндагиро мегузорам
меравам берун.
Моҳият охир надорад
бе ту атру пудраву сурма.
Зиндагӣ ҳам,
Инчунин ман,
Бе ту маъное надорем, эй азизи ман

ЧАНОРИ САБЗИ НАБЗ

Бингарам аз равзани девори заррин,
Пушти девори кабуд он ёр маскун аст.
Дар кафам дорам гули зарди диламро,
Ин гуле, ки руста дар ҳаҷри ту, маҳзун аст.

Оҳ, оразозарини ман
Чашмҳоят мисли асроре
пушти садҳо парда пинҳонанд.
Дар чанори набзи ман садҳо ҳазорон субҳаи сабзе,
Боз бо зикри ту гирёнанд.

Оҳ, эй соат,
дастро хоҳам раҳо аз дастҳои ту.
Бо ту ҳамраҳ буданам оре, абас бошад.
Дар сари роҳи ту танҳо хору хас бошад.
Ман чаро метарсам аз берангии ҷовид,
Ҳусни нотакрори он дидор бас бошад.

Оҳ, аз ин бодбони киштии бишкастаи фарёд,
Ҷуз Худо ҳаргиз касеро додгар бар ӯ намехоҳам!!!

ДЕВОР

Андар ин девори азрақ,
мармарибунёд,
Бингарам, овехта як соати заррин.
Раҳ намояд сӯи фардоҳои пурвартоҷи армонҳо.
Оҳ, ман ҳам сокини вартоҷзоронам,
Гарчи медонам равон сӯи биёбонам.

Солики роҳи хирад ҳаргиз набудӣ, дил,
Чанд охир дар замини фикри ман мекорӣ зарпечак?
Чанд ҷорӣ мекунӣ дар набзи ман ёде, ки найранг аст?
Чанд охир меваи талхи хақиқатро
мекуни раҳтӯшаи умрам?
Ман, ки ҷуз афсонаи ширини бовар
ҳеҷ чизеро намехоҳам.
Аз лимӯзорони будан меравам то ту.
Ҳар куҷое меравам, эй дӯст,
Ру ба рӯям ҷуз ҳамин девори азрақ нест,
Ҷуз ҳамин як соати заррин.

РӮЗИ ТАНҲОИИ ОИНА

Аз азал оина аз ман буд !
Бе ману зебоии ман чист оина ?

Рафта будам шом сӯи хонаи борон,
Абр ҳоло фикри худро сабзтар мекард,
Фурсати кам дошт то эҷод.

Ҳолиё атри парӣ бар хотирам биншаст,
Ман яке хушбахти нотакрорам, аммо ӯ намедонад.
Дидаам чашмони зебои париёнро,
Дастнорас буданат
то марги ман торикии қисмат.

Хостам дар банди худ гирам нигоҳатро,
ҳасрато, чил кокули абрешимӣ кам буд.
Дар сари роҳи ту мерустам чу маҷнунбед ҳар лаҳза,
Ҳолиё дар ёди дарё нест гесуи ману гесуи маҷнунбед
Ҳолиё он рӯзгори сабзи зебоӣ
зиндагонӣ мекунад дар хотироти бод.
Гум шуданҳои ситора аз фазои лоҷуварди дард.
Гум шуданҳои суруди об аз ҷӯйбор.
Гум шуданҳои нигоҳ аз чашм.
Гум шуданҳои гулу гулдон, дафтару коғаз

Рӯзи танҳоии оина.

МАҲБУС

Омаду бо хотири ранҷида гуфто:
– Зиндагӣ афсӯс, маҳбуси ҳубоб аст!
Мешиносам кавкабонро –
қобҳо бо аксҳои одамони рафтааздунё.
Ҳолиё зери дарахти абр
ҷони берун аз танам гирёну нолон аст,
ҳеҷ кас ӯро намебинад.
Ҳам на тафсир аст боронро,
баргу борон соҳиби розанд,
ғайб дар афкорашон пайдост.

Ин гунаҳро дӯзахи дунё кифоят нест,
Оташи мавъуд моро ҷовидон дар бар ҳамегирад.
Эй ту, эй маҳбуб,
Эй муҳаббатро ҷафоҳоят ҷавоби осмонӣ,
Гар нафас бе ёдҳои ту, гунаҳкор аст.

Ғ А З А Л И Ё Т

* * *

Абрро роҳӣ намо андар кавири ёдҳо,
Аз қиёмат омадӣ то қиблаи фарёдҳо.
Аз ҳама тасвирҳо оина рӯгардон шуда,
Одамон афтода чун барге ба дасти бодҳо.
Хобро таъбир кардам мисли коғаз дар аташ,
Сӯхтам дар дӯзахи андешаи бадзодҳо.
Ишқ бо номи ту маннони хаёлу хотир аст,
Эй хаёли чашми ту аз осмон иршодҳо.
Роҳи пажвини замонро шустаам бо гиряам,
Номуроду зорам аз ин зулмати бунёдҳо.
Шоиреро раҳнамои фитрати даврон кунед,
То саодат гул кунад аз шукр дар авродҳо.

* * *

Осмон ҳам дили заррини гирифтори ту дошт,
Ва замин ҳайрати зебоии дидори ту дошт.
Шукр аз умр накардам мани нокас ҳаргиз,
Зиндагӣ буд, ки ширинии дидори ту дошт.
Шаш ҷиҳат барги хазон шуд зи самуми оҳам,
Ҳеҷ дидор надидем, ки такрори ту дошт.
Зарра-зарра дили ман мадраҷи омӯзиш шуд,
Охир ин обу ҳаво накҳати асрори ту дошт.
Ҷуз ту аз халқи Худо ҳеҷ касам лозим нест,
Ишқ сад ҷода Зулайхои харидори ту дошт.
Офтоб аз чи назири рухи покат бошад,
Ки фақат рӯз каме шӯълаи осори ту дошт.
Эй Худо, қатъ макун будани хуршедии ӯ,
Ошиқи ӯяму ӯ сурату дидори ту дошт.

* * *

Ба дасти ақл гул чидам зи тақвими биёбонҳо,
Самуми оҳро бурдам ба савсанзори армонҳо.
Ба ҷони Офтоб охир саҳобистон андӯҳ аст,
Нигаҳро мебарам инак ба рози ғайби пинҳонҳо.

Дилам лимӯи афшурда,ки ҷон мерезад аз чашмам,
Ту симурғию мехоҳам, ниҳам доми ту аз ҷонҳо.
Нигоҳ охир мусофир шуд ба сӯи каъбаи дидор,
Биё, эй ёр, раҳм овар ба зиндонии ҳичронҳо.
Зи чашмони сияҳбахтам салаф мегиряд, эй Юсуф,
Чу хуршедию метобӣ ту аз айвони армонҳо.
Адиба, хок бар сар кун нигаҳро, ин ҷазо ҳақ аст
Зи ишқи шаҳриёри шаҳр, дарвеш, ин чи исёнҳо.

* * *

Кош мекардам ба чашми сабзи ихлосе ватан,
Чашмасоронро кунам сирқоту орам дар сухан.
Меҳрубони мунфариде такягоҳи бовар аст,
Он, ки меарзад ба ёдаш ҷовидона сӯхтан.
Гар кунад инкори гулро хор, медонӣ сабаб,
Аз ҳасад ояд қудуми бодҳо сӯи чаман.
Золимонро зулмати дил мекунад аъмо, вале,
Оқилонро ҳам ҳасад орад ба роҳи аҳриман.
Дур бош аз суҳбати пажвини абнои лаъим,
Беҳтар он бошад, ки оӣ ҷониби сарву суман.
Ёр агар море шавад, бар ёрияш падруд гӯ,
Дурӣ мебошад наҷоти мо зи мори заҳрзан.
Хатти батлон зад замон инсофу адлу додро,
Дар замини мармари шаҳре нарӯяд настаран.
Инзиво ҷӯ, ихтисори дӯстии бод кун,
Дур бош аз халқу сӯи Ҳақ биёвар хештан.
Морҳо дар ғор пинҳонанд аз бадсуратӣ,
Сурату сират бадӣ мастур андар макру фан,
Эй Адиба, то тавонӣ хушдилу хушрӯй бош,
Беназире дар сухан бош, эй гули миночаман.

* * *

Фурсатам аз ранг дур афтодааст,
Рамзи маънӣ аз шуур афтодааст.
Оҳ аз ин асвади тақвими ман,
К-аз суҳуфаш моҳу хур афтодааст.

То ки афтодем дар доми хирад,
Ишқи хокӣ нозарур афтодааст.
Чашми инсоне набинад рӯи ӯ,
Дар нигоҳи мо судур афтодааст.
Илтифоти ӯст дар хобу хаёл,
Дар хаёли кӯр нур афтодааст.
Номуроди диданат оина аст,
Гарчи дар ишқат ба шур афтодааст.
Чоҳ дар роҳи ҷафо эҷод кард,
Лутфи ӯ бар оҳи мур афтодааст.
Номи ӯ бишкуфта дар боғи дуо,
Дар дил аст, аз дида дур афтодааст.
Эй Адиба, дар фазои фикри ту,
Сӣ сухан аз арши нур афтодааст.

* * *

Ту эй ишқи ҳамеша, бегуноҳам,
Ба занҷир аст чашмони сиёҳам.
Намебинад Худои осмонҳо,
Магар ин парчами нилии оҳам.
Канизи худ намехоҳад маро шоҳ,
Бувад завқи баландам иштибоҳам.
Паризодӣ бурун шуд аз вуҷудам,
Хазонсадбарг андар рӯи роҳам.
Ҷамолатро ба роҳи ман барафрӯз,
Ки то ширин шавад умри нигоҳам.
Дар оғӯши сукути хеш сардам,
Ба тасвири ту мебошад никоҳам.
Навиштам дар суҳуфи рӯз номат,
Ва шабро сӯхтам аз ашку оҳам.
Парешонбарги садбарг аст рӯзам,
Дар уқёнуси ашки рӯи роҳам.
Чаро хуршед мехоҳӣ, Адиба,
Дар иқлими шаби тақдир моҳам.

* * *

Дареғ аз ишқи лайлибахт моро,
Дареғ аз ин зулайхоӣ, Худоро.
Худовандо, дареғо, номуродам,
Ки ғам қақнус мебошад ба ёдам.
Шабони бечароғу беситора,
Дили садпора,ҷони бешарора.
Ду гесӯи булӯрини нигоҳам,
Чу санге сард андар рӯи роҳам.
Ману аз рӯз то шаб интизорӣ,
Зи шаб то рӯз дарду беқарорӣ.
Зи равзан чашм меборам ба берун,
Зи равзан гиряпайвандам ба Сайҳун
Яке соҳилнишини номуродам,
Барад дарё, гирад ё хоку бодам.
Ки бе ту мурдаи дур аз мазорам,
Бидунат зиндагонӣ ман надорам.

* * *

Зиндагонӣ чун дарахте, баргрезонаш,
Ин ҳама моем пайванди шамолонаш.
Арчае, ки додаанд оро фақат як рӯз,
Чун нишони бебақоӣ бо чароғонаш.
Сад ҳазорон сим кашида суҳбати ёрон,
Нест ишқу меҳр дар шарёни телфонаш.
Шеъри худро мебарам то фикри интернет,
То ҷаҳон ёбад маъонии дурахшонаш.
Гар ба садбарги сухан дунё шавад ошиқ,
Гум шавад ҷангу намонад ғам ба шарёнаш.
Бо ҷамилон аз ҷамоли ёр мегӯям,
Ҷуз ба хоби худ надидам ҳусни пинҳонаш.
Хаста аз такрори девони хазонҳарфам,
Хаста аз тобути ҳарфу ҷисми беҷонаш.
Эй Адиба, лаҳзаро маҷзуби маъно кун,
Варна бенақше барад боди парешонаш.

* * *

Мо адабпарвардаҳои настаранҳо будаем,
Дар мақоми беназири хеш танҳо будаем.
Дар амал монанди накҳат дар гиребони гуле,
Маҳзари ганҷинаи рози суханҳо будаем.
Мерасем, эй дӯст, аз бобуназори бомдод,
Аз дили маҳзун нишони ёсуманҳо будаем.
Иқтидо кардем бар Хуршед, бар обу ҳаво,
Боиси рангинии боғу чаманҳо будаем.
Мо зи исён бехабар будем чун дарёи Сир,
Гарчи дар роҳи самуми сӯхтанҳо будаем.
Чашми боз аз ҳайрати будем пеши кини дӯст,
Дуди тақдири сияҳ аз макру фанҳо будаем.
Аз хиёнатҳои ёрон даргурез, эй осмон,
Сорбони корвони беватанҳо будаем.

* * *

Водии чашмонам аз ишқи ту пуртасвир шуд,
Фитрати хуршед з-анвори ту оламгир шуд.
Аз азал то бар аҷал ишқи ту дар чашми ман аст,
Эй, ки ҳиҷронат рақам бар қисмати тақдир шуд.
Бекасӣ беҳтар бувад, к-аз халқ ҷуз озор нест,
Зиндагонӣ хиттаи будхоҳию тазвир шуд.
Сард шуд ҷони ману з-ин лона бовар рахт баст,
Баргрези набзи ман аз оҳи бетаъсир шуд.
Аз нигоҳам гиря берун шуд ба уммеди диле,
Аз нигаҳ бар хок рафтан ишқро тафсир шуд.
Оҳ, аз он хуршедҳои дурдасти осмон,
Офтоби ман зи танҳоии худ дилгир шуд.
Хислати хуршед дорам гарчи қалби об-об,
Номи ӯ бар ҷони ман оғози ҳар тадбир шуд.
Эй Адиба, осмон оинадори ишқи ӯст,
Номи ӯ бар ҷони ман оғози ҳар тадбир шуд.

* * *

Гарчи дар роҳи ҳавас нақши қадам бисёр аст,
Мӯи оташзада ин роҳи касофатбор аст.
Мубсароти шабу рӯз аз назарам дур бибар,
Мазмуни омаданам дидани он дидор аст.
Ӯ бифармуд, ки дил ошиқи рӯят бошад,
Варна ҷон аз ҳама занҷири бало безор аст.
Гарчи бар диданат оина мушарраф нашавад,
Реза-реза шиканад, ишқи туро изҳор аст.
Дар сари роҳ ҳазор ошиқи девона марост,
Лек дар дил талаби хоки раҳат бемор аст.
Манзили мост замоне нигаҳи барги чинор,
Фурсати беш надорему фироқ озор аст.
Ноз-нози мани танноз ба гул мемонад,
Ба раҳи ноз маро чашми ҳазорон чор аст.
Номаи ишқ агарчанд чу борон борад,
Дили ман номи ту дорад ба паёмат зор аст.
Гули боғ аст Адиба, набараш бар гулдон,
Ростӣ гулсухану гулбадани гулзор аст.

* * *

Ин ҷо садо садои шикастан буд,
Мазмуни омадан ҳама рафтан буд.
Дидам ҳазор номия бадбинӣ,
Қонуни дил, ки оҳ нагуфтан буд.
Дар қоби дида нақши надиданҳо,
Ҳар вожа аз ҳазор гиристан буд.
Ӯе, ки нест дар ғаму шодиям,
Ҳар лаҳза дар нигоҳу намудан буд.
Парвози ман чу бодпарак маҳзун,
Парвози заъифи норасидан буд.
Гул нест чаман, нигоҳи ҳасратҳост,
Пайғоми муқимони надидан буд.
Дидам ҳазор соли хазони ранг,
Садҳо ҳазор соли шукуфтан буд.

Дар чашмҳо чу нохуна бадбинӣ,
Чизе ба ҷуз сиёҳ надидан буд.
Оре, Адиба, омада з-ирфонӣ,
Мақсуди ту то Дӯст расидан буд.

* * *

Эй гулафшонфитрату пиндортиллоӣ,
Чун нигаҳ дар чашму чун ҷон дар дили моӣ.
Эй шабеҳи ганҷ дар вайронаи хотир,
Чун наҷоти ҷони мо аз кунҷи танҳоӣ.
Зиндагонӣ оташу дуд аст ҷони мо,
Оташу дуде намонад, бе тасаллоӣ.
Эй чиноро, рустӣ аз барги нигоҳи кӣ?
Марқади моро ту фардо соя бинмоӣ.
Аз таъайюн то кудурат мерасад сурат,
Боз бесурат раҳи оина мепоӣ?
Шишаи дил бишканад аз оташи фарёд,
Асвади тақдири тақвим аст миноӣ.
Мекунам кӯчат зи роёна чаманҳоро,
Оҳ, аз ин бенакҳатӣ в-ин мурдазебоӣ.
Мегузорам андар ин як барг умри хеш,
Месупорам рӯи дасти боди ҳарҷоӣ.
Барги ҷон, яъне ба номат охирин нома,
Охирин фарёди ин тақдири иброӣ.
ИШҚ, эй иброму эй ибҳоми нофарҷом,
Дур аз паргори ақлӣ, сукри зебоӣ.

* * *

Ҷони муқаддаси ту, эй ёр, бесафар бод,
З-амвоҷи нури рӯят тақвимро саҳар бод.
Тазҳиби будани мост, маънои мост номат,
Оҳ, эй тариқати дил, умри ту бехатар бод.
Монанди Юсуфӣ ту, дорӣ ҳазор ҳосид,
Хуршеди осмонам хаффош безарар бод.

Таҷриди ту Худоё гарчи ҳамеша аз мост,
Оҳ, эй имоди умрам, ишқат ба ҳар сияр бод.
Рамзофарини вожа, дар ишқ инфиродам,
Номи мубораки ту маънои ҳар сувар бод.
Охир ситораи ман берун наояд аз шаб,
Моро сиришки хотир фонуси чашми тар бод.
Варточзори имон сӯи ту мегирояд,
Аз даҳҳазор нома номи ту мухтасар бод!!!

* * *

Ҷоно надидаӣ ту, парвози боли тақвим,
Бар коми мо набуда иқболи фоли тақвим.
Кардӣ сиёҳ, эй шаб, авроқи субҳидамро,
Посух биёр инак, бар ҳар саволи тақвим.
Охир наомадӣ ту, то хатти қисмати ман,
Бе ту чӣ буд донӣ, дар ҳаҷр ҳоли тақвим.
Дар ҳар сувар ту будӣ, эй нонамои мармуз,
Эй беназири тақвим, эй ломисоли тақвим.
Тасвир мегурезад з-оинаи ҳақиқат,
Оинаро бирӯбад инак шамоли тақвим.
Ҳаргиз набудам, эй ёр, дар бӯстони дидор,
Гул рехт ё хазоне оё ниҳоли тақвим?
Аз ранги атласи ноз, атри мушавваши роз,
Садбарг ношукуфта дар рӯзу соли тақвим.
Арқом чун хазоне резад зи боғи қисмат,
Сели фано рабуда ҷоҳу ҷалоли тақвим.
Оҳ, эй муқими ҷангал, фарёди гунги бекас,
Дар дуди зовуди шаҳр сӯзанд боли тақвим.
Не ибтидост моро, не интиҳои тақдир,
Беихтиёр гум шуд ин иттисоли тақвим.

* * *

Шуд шӯразор, ё Раб, инак туроби бовар,
Посух нагуфт бар ман зарринкитоби бовар.
Субҳе наменамояд мулки ҳамешазулмот,
Дар нимашаб фаришта, ояд ба хоби бовар?

Бад дидаанд моро иблисҳои ин шаҳр,
Боке надорам охир, эй интихоби бовар.
Тақвимро чу кардам гулзори номаи ишқ,
Ҳаргиз надод боло хатти ҷавоби бовар.
Оҳ, эй Худои якто, инсон мисоли ифрит,
Касро намешиносам, оҳ эй азоби бовар.
Ҳайрону зор монда, бо мӯру мор монда,
Охир чӣ метавон кард, бо сарҳисоби бовар.
Дар рӯи дор моем, дур аз диёр моем,
То осмон нарафтем, эй гӯркоби бовар.
Умрам ба бодҳо рафт в-аз дасти ёдҳо рафт,
Аз бутпарастӣ мурдам, оҳ эй сароби бовар.

* * *

Хуршед менаояд бар ҷодаҳои зулмат,
Ҳам шаб намешиносад хуршедро ҳақиқат.
Оҳ, эй ҳасуди манҳус, гул-гул шукуфтанам бин,
Зеро шукуфтани ман бошад туро мусибат.
Девор кардаӣ ту, рӯи раҳи мунирам,
Девор ҳам набошад сади раҳи муҳаббат.
Дайҷурботинонро умр аст мисли дайҷур,
Хуршедзори эъҷоз бинҳуфтаам ба сират.
Чашмони офтоб аст ҳофиз нигоҳи моро,
Дорам Худо, натарсам аз соҳиби адоват.

* * *

Садбарги фитода рӯи обам ман,
Маънои нуҳуфта дар саҳобам ман.
Аз фитрати одамӣ чӣ мечӯям,
З-ин шӯра гули вафо наёбам ман.
Мардон чӣ занона душманӣ доранд,
Як сайди ҳасуди беҳисобам ман.
Ҷонам шарафе барои оина,
Он нури нуҳуфта дар ниқобам ман.

Хуршед ба мулки шаб намеояд,
Дар ин шаби тира менатобам ман.
Дар мақбараҳо чӣ мезанам фарёд,
Як зинда дар ин саро наёбам ман.
Дар хок равад Адиба, инсонӣ,
Гулғунчаи гулзори китобам ман.

* * *

Агар атроф моро бадсияр буд,
Зи алтофи Худо бар мо назар буд.
Азизи беназири осмонӣ,
Дилам дар дасти ту садбарги тар буд.
Рақамчин аст соат лаҳзаҳоро,
Шаб омад, оина дур аз асар буд.
Гунаҳ мечинӣ аз иқлими соат,
Тарабгаҳ вартаи пур аз хатар буд.
Нишастам зор андар киштии Нӯҳ,
Дареғо, ки гуноҳам ҳамсафар буд.
Намеёбанд гулро дар биёбон,
Хасу хоре барояш тоҷи сар буд.
Адиба, нур мерезад умедам,
Ки шояд дар дили шабҳо саҳар буд.

* * *

Гумгаштаи чангали гуноҳам,
Пеши нигаҳи ту русиёҳам.
Ҳам муҷриму мушрикам дареғо,
Эй номи ту дар забони оҳам.
Вораста наям зи дӯзахи ту,
Бо ёди ту буд иштибоҳам.
Бутро ту гумоштам Худоё,
Эй сояи маҳзарат паноҳам
Маҳбуси тилисми гиря будам,
Ҷодушудаи ҳамон нигоҳам.

Дар дӯзахи кинаи ҳасудон,
Қақнус шудам туӣ гувоҳам.
Аз куфри нигоҳи ман хазар кард,
Маънои ҳузуру сарпаноҳам.
Афсӯс, Адибаи Хучандӣ,
Гумгаштаи ҷангали гуноҳам!

* * *

Дур аз ватан нигоҳам дар соясори борон,
Ошуби обу оташ, дузахнавиди ҳичрон.
Найранг мехиромад, дар набзи харфи минбар,
Тазвир чун хақиқат омад зи макри морон.
Ин барги охирин аст дар рӯи дасти шоха,
Хуршед хам фитодас-т аз шохсори мижгон.
Ин роҳ роҳи дур аст, роҳи сиёҳи кӯр аст,
Эй бенасиби дидор, эй бенасиби ризвон.
Барбод рафтани мо ҳамроҳи барг зебост,
Парвоз кардани мо бо тайри тирамоҳон.
Ин вожжа нотавон аст, ман он ҳубобмашраб,
Макрӯҳу зишт, эй дил, бе ёди ёру Қуръон.
Лаззат сувар надорад бе иттиҳоди маъно,
Ҷун коғазин гул оре, чун луъбатест бечон.

* * *

Ҷое расидаем, ки натвон ба мо расид.
(Бедил)

Ҷое расидаам, ки ҷамолаш муяссар аст.
Он ҷо, ки дуртар зи самои мунаввар аст.
Оинае, ки қобили дидори ӯ набуд,
Дидордидааст кунун, дидаи тар аст.
Мебишнавам садои ҳама иртиёзи ту,
Дарди ту дар ман аст, дилам зору абтар аст.
Бе ту на марг ояду не умр бар дарам,
Шому саҳар рақими дару чашм бар дар аст.

Оре, ту мерасӣ, шафақи беғуруби ман
Ин бомдод нусрати хуршеди бовар аст.
Шуд сабз дил, ба ёди нигоҳи ту, офтоб,
Номи ту дар санавбари набзам чу зевар аст.
Омад Адиба то шафақи безаволи ишқ,
То он рафоате, ки ҷамолаш муяссар аст.

* * *

Дар ин кӯча ҳазорон гиря бинам,
Аз ин обу ҳавои ғам ҳазинам.
Намебинам наҷоти ёд аз ишқ,
Зи як ту оламе бут офаринам.
Чу шамъе интизори бод бошам,
Ба чашми чор дар ин раҳ нишинам.
Равам бар осмонҳои саодат,
Биёрам кавкабатро бар ҷабинам.
Мисоли шамъ дар торикӣ мирам,
Вале хуршеди дидорат набинам.
Бихонам қисмати ин раҳгузорон,
Ба кунҷи инзиво фарёд бинам.

* * *

Зи рози хома мистар рӯсиёҳ аст,
Саропои ҳақиқат иштибоҳ аст.
Зи чаҳ то маҳ надорад роҳ дурӣ,
Зи мансаб то ба зиндон ним оҳ аст,
Хаёли зар хатарнок аст, эй дӯст,
Варо миқдор, миқдори гуноҳ аст.
Дилам масдуди ишқи дӯстӣ буд,
Дар ин оинаҳо тасвири оҳ аст.
Қаноатро намедонӣ чӣ бошад,
Ба инсон будани инсон гувоҳ аст.
Дилам садбарг шуд, сад барг резад,
Дареғи он, ки фасли тирамоҳ аст.

* * *

Фасли меъроҷи гулу парвози тайру лонаҳо,
Реҳлати ишқу вафо аз хонаи ҳамхонаҳо.
Эй парешонӣ, зи гулшан бурдаӣ ному нишон,
Эй заволи гул ба дасти чун мане ҷононаҳо.
Дар дили вайрони худ умре туро мепарварам,
Ганҷ дар вайронаӣ, эй ҳайрати вайронаҳо.
Тирамоҳи чеҳраи ман аз хиёнатҳо заҳир,
Турнаҳо бурданд оре, ишқҳо, паймонаҳо.
Турнаҳо чил сол зебоӣ зи ман дуздидаанд,
Шамъ ҳам хомӯш шуд бе маҳфили парвонаҳо.
Ҳеҷ кас бо ҳусн н-омад интихоби оина,
Эй Адиба, хаста шуд оина аз афсонаҳо.

* * *

Аз ин дар рафта дар берунам, эй дӯст,
Шуда тасбеҳи ёдат хунам, эй дӯст
Туӣ фарзонафарди мулки тоат,
Яке беҳушу дилмаҷнунам,эй дӯст.
Ҳаётам чун нигоҳат бегуноҳ аст,
Фақат бар чашми ту афсунам, эй дӯст.
Ба ёди қомати мавзунат,эй дӯст,
Ҳама арқоми номавзунам, эй дӯст.
Ба ёди ту маро ширин шавад марг,
Аз ишқат то абад мадюнам, эй дӯст
Ту хуршедию қалби ман саҳоб аст,
Чу борон доимо маҳзунам, эй дӯст.

* * *

Даруни гиряи ман настаран чист,
Дар ин ҳичрон нигоҳи беватан чист.
Мисоли нола боло рав, дили ман,
Шабеҳи гиря поин омадан чист.
Агар сад ранг аз мазмун надорад,
Бигӯ охир, ки фарҳанги сухан чист.

Агар тасвири дил з-оина дур аст,
Дар оина ҳазорон мову ман чист?
Кавири ҷон шавад шодоби дидор,
Вагарна сурати чун настаран чист?
Агар Юсуф наояд сӯи чашмам,
Бирав, эй гиря, ин байтулҳазан чист?
Шудам хокистару дар дасти бодам,
Халоиқ, охир ин гӯру кафан чист?
Адиба атри фарёд асту барбод,
Бигӯ меъроҷ, парвози чаман чист?

* * *

Зи қосид офтобам орзу буд,
Ки ганҷур аз харобам орзу буд.
Туӣ мазмуни оёти муқаддас,
Ки маъно аз китобам орзу буд.
Туро дидан, туро дидан ҳамеша,
На бедорӣ, ба хобам орзу буд.
Ба каф номи ту амвоҷи дуо шуд,
К-аз он боло ҷавобам орзу буд.
Расидан то ту, эй ишқи ҳамеша,
Зи мазмуни шитобам орзу буд.
Фақат дидор, дидори азизат,
Ба қалби об-обам орзу буд.

* * *

Рафтам чунон, ки роҳ зи гомам хабар надошт.
Шоме,ки доштам ба сар омад, саҳар надошт.
Аз осмон паёми ту омад ба ҷони ман,
Парвози ман ба сӯи фалак болу пар надошт.
Мардуди даргаҳи нигаҳат буданам чаро,
Охир савоби ишқ ҷазои сақар надошт.
Дар ин кавир ташнаи дидор мурдаам,
Душман куҷо, ки дӯст зи ғам чашми тар надошт.

Таҷрибаҳои дард ба сабрам зиёда шуд,
Оинаро ситора дар ин шаб асар надошт.
Иблисро Худо барабас ронд аз дараш,
Шояд ки Ӯ зи тинати инсон хабар надошт.

* * *

Ин гиряҳо, ки саҷда ба номи ту ованд,
Бечоравор рафта зи ёди ту абтаранд.
Ёрон чаро ба кина сипарданд зиндагӣ,
Ҷонро чаро бар оташи мавъуд мебаранд.
Он мижае, ки субҳа надорад ба зикри ту,
Дар гӯри чашм ҳарфи навишта ба мармаранд.
Бинвишта дар саҳифаи мурдоб нилуфар,
В-он инқилоби сабзаву гул рӯи мистаранд.
Андар нигоҳи ман, ки бидуни ту кӯр бод,
Садҳо ҳазор сурати шодат шиноваранд.

* * *

Сухан бошад маро сели ситора.
Гули садбарги қалби пора-пора.
Дилам оинаи бишкаста, ёро,
Ки мерезад зи чашмам чун шарора.
Маро бечорагиву ноумедӣ
Зи дидори ту меборад назора.
Дар ин водӣ назири офтобам,
Ки садри бирлианташ кӯҳпора.
Аз оина вафо ҷӯям, дареғо,
Ки дорад ёр рӯзе бешумора.
Надорад умр дурие, азизам,
Шитобад сӯи гӯр ин гоҳвора.

* * *

Биё, оташ муҳайё кун бароям,
Ки аз оташ сиёвушона оям.
Гунаҳ,охир чаро ойӣ ба сӯям,
Гирифтори Худоям, порсоям.
Намебинӣ чу чашмат кина дорад,
Чу бар миоди дидори ту оям.
Чу дидам офтоби рӯи хубат,
Баҳор омад ба пушти мижаҳоям.
Маро каф лонаи анқои номат,
Ки парвоз асту меърочи дуъоям.
Дар иблисиву инсонӣ чи фарқе,
Агар мардуди даргоҳи Худоям.

* * *

Мешавад шодоб кишти шеър аз чашми тарам,
Офтобистони ёди ту суҳуфи дафтарам.
Бо қадамҳои булӯри ашк меҷӯям туро,
Тирамоҳ омад дигар бар чеҳраи гулпарварам.
Шишаи садпораам, андар сари роҳи рақиб,
Оташам хомӯш шуд, дар чашми ӯ хокистарам.
Зеби зикри офтоби субҳ будам субҳае,
Ҳолиё дар мурдаоби соките нилуфарам.
Бомдоди ман дӯрӯғе буду узлат тирагӯр,
Домани пур чормағзи пуч, берун аз дарам.
Шамъ месӯзад дар оҳи он ҳама парвонаҳо,
Дар азоби ҳаҷри ту парвонае дар озарам.
Офтоб, эй парчами заррини дасти осмон,
Хастаам аз кӯшиши беҳудаву дарди сарам.
Суратамро шуст борон аз замири одамон,
Он гули садбарги бишкуфта бар он хоки дарам.

* * *

Эй нигаҳ тарк макун хонаи тори басарам,
Зиндагӣ дур марав, дур марав аз назарам.
Бе ту не мурдаву не зинда чӣ хоҳам кардан,
Ёр, бош! Арчӣ набошӣ ба канору ба барам.
Бе ту хуршед бувад ғундаи заҳролуде,
Бе ту мор аст раҳу хона бувад чун сақарам.
Осмон тобути пурнақши замин хоҳад шуд,
Раҳм кун, дур машав, маънии шамсу қамарам.
Як туӣ пушту паноҳи дили танҳову ғариб,
Як туӣ к-аз ту расад накҳату нури саҳарам.
Офтобӣ, ки надорӣ ту ҳақи нобудан,
Раҳм кун ёр, туӣ соҳиби чашмони тарам.

* * *

Офтобо, марҳамат кун бар дили маҳзуни мо,
Мистари нурат мақоми мисраъи мавзуни мо.
Гарчи чун ашк аз нигоҳи лутфи ту уфтодаем,
Чун нигаҳ бошӣ ҳамеша боиси мазмуни мо.
Зиндагӣ дорем дар оина монанди ҳубоб,
Аз тасаввур дур бошад ёри мо, бечуни мо.
Омадам аз мактаби савсан яке озодадил,
Мекунад зикри ту тӯфони вафо дар хуни мо.
Нолаи ман лолабардаст аст дар роҳи фироқ,
Мебарад то он наҷот ин саҷдаи афзуни мо.
Ишқ анқои асирафтода дар ҷони ман аст,
Чанд масдуд аст ин мастур дар афсуни мо.
Дурдасти бешикасти покдомонии фикр,
Бемисолӣ бод, эй дил, доимо мазмуни мо.

* * *

Мерасад Наврӯз андар ҷодаи афкори мо,
Каъбаи гул мешавад инак хати пиндори мо.
Ҷони мо, имони мо, армони мо гул мекунад,
Офтоб аз мост, эй дил, в-ин ҳама анвори мо.

Ишқи ту мониқалам омад, ки гулзор офарад,
Ҷилваи симурғ пайдо гашт дар ашъори мо.
Аз баҳористони чашмам ёр бинмояд гузар,
Шохсори мижа гул резад ба пои ёри мо.
Мешавад ҷорӣ гули савсан ба набзи сабзи мо,
Мерасад дидори ӯ бар дидаи бедори мо.
Мактаби тадриси нози гулшан инак боз шуд,
Ранги аржанги чаман дорад ҳаме рухсори мо.
Офтобу Офтобу Офтоб оварди ёр,
Ишқ дар пиндори мо, гуфтори мо, рафтори мо.

* * *

Рафтам ба расадхона, ки бинам дидор,
Дидам, ки фалак набуд ҷуз ҳасрати ёр.
Тазҳиби хаёли туст афкори маро,
Эй субҳи ғурубкарда дар сарҳади пор.
Фирӯзаназар фариштаи марг омад,
Барканд ҳазор саҳфа гулбарги баҳор.
Пирояи пиндор суварсози адам,
Таҷриди ҳаёли ту мабод аз пиндор.
Ширинсухани сапеди олучагул аст,
Дар боғи хаёли ман зи ёдат осор.
Шояд нашиносӣ сояатро, шояд,
Ин ман, ки ҳамеша бо ту бошам, эй ёр.
Ишқи ту маро кашида дар ин дӯзах,
Варна набувад фариштаро ҷой мазор.

* * *

Нигаҳро ишқи рӯи ту гуноҳ аст,
Диламро коғазинҷома сиёҳ аст.
Ба абр андар маро чашми хирадбин,
Маро дурри адан дар рӯи роҳ аст.
Маро хушбахтии хуршед бояд,
Ки шаб аз зиштии дил рӯсиёҳ аст.

Зи гоҷистон ба коҷистон рав, эй дил,
Ки ин ҷо будан айни иштибоҳ аст.
Фиғони хок меояд ба гӯшам,
Ки то ӯ ҳаст, рӯпӯши гуноҳ аст.

* * *

Қафаспарварди андӯҳ аст симурғи нигоҳи ман,
Ки шуд вайронасокин ин дили бесарпаноҳи ман.
Ду савсан шабнам овардам чу мазмуни ҳаёти худ,
Ки анқо лона бинҳода ба нахли дуди оҳи ман.
Чӣ зебоӣ, ки дар чашмат баҳоре зиндагӣ дорад,
Хазонрези гунаҳ дорад нигоҳи рӯсиёҳи ман.
Шабонамро ба покии хаёлоти ту мебахшам,
Худоё, бо хаёли ёр барбанди никоҳи ман.
Замоно, дар макони ёдҳо гулпараварӣ бигзашт,
Ки зебоӣ хазон бошад, ба фасли сарди оҳи ман.
Кӣ гуфто ёди рӯи ҳусн дар оина мемонад?
Замоне гул шукуфтан дошт дар рухсори моҳи ман.
Адиба, аз суҷуди худ вуҷуди порсо дорӣ,
Бишуд оина густурда ба ҷоӣ саҷдагоҳи ман.

* * *

Боз товуси нигоҳам дилбарӣ оғоз кард,
Шӯҳрати ҳусни парӣ дар сурати ман ноз кард.
Гарчи парвози пари анқост масдуди ҳасад,
Номи ӯ аз дому банди нестӣ парвоз кард.
Ёр, дар мистар кунад номи хушат гулпарварӣ,
Бомдоде ишқи ғайбӣ аз дилам овоз кард.
Руста андар соҳили ҷон ёсамини он нигоҳ,
Он нигоҳе, ки дили иблис тӯфонбоз кард.
Боз кун боре лабони хеш аз баҳри Худой,
Ишқро охир чаро бояд асири роз кард.
Эҳтиёҷи чашмаи чашми ту дорад ишқи ман,
Оҳ, аз ин мижгон, ки садде дар раҳи ӯ соз кард.

* * *

Бигзашт зи мо замони савсанмасалӣ,
Айёми арӯсӣ, низ моҳи асалӣ.
Эй сирати ту ниёзманди сурат,
Акнун чи кунӣ ба ман, – ба кӯриву шалӣ?
Оинаи қаднамо наор аз бозор,
Овар ту ғаме ба нотавонӣ, касалӣ.
Ожанг чӣ, нақши пои марг аст, нигар,
Чун хор ба рӯ расида зиштӣ, дағалӣ.
Масдуд ба сад ҳазор дорӣ, эй дил,
Мансур наӣ, чаро-т шӯру мағалӣ
Гуфтанд маро: – Бас аст парвози баланд,
Чун тоири дар қафас ба дасти аҷалӣ.

* * *

Миллати обу ҳавою офтоб, эй ишқ,
Изтиробе дар замири инқилоб эй ишқ.
Эй ҳақиқат, асли ҳар буду набуди мо,
Эй хиёнат, эй фиребу эй сароб, эй ишқ.
Даст бар дасти гуноҳони кабир астӣ,
Эй саропои ту мазмуни савоб, эй ишқ.
Доду фарёди дил аз дидори нодида,
Панҷ пурсишро ту мебошӣ ҷавоб,эй ишқ.
Бо ҳазорон сурати матлуб як сират
Як ҳакикат дар ҳазорон садкитоб,эй ишқ.
Чашми ӯ чун кавкаби бахти ту мебошад,
Як назар гарчи нашуд баҳри савоб,эй ишқ.
Осмонҳо, ҷони дилҳо, ҳар чӣ буду нест,
Зери кафши туст, бинмо интихоб эй ишқ.
Ман сагона дӯст медорам туро, эй ишқ,
Ишки иблисонаам хоку туроб,эй ишқ.

* * *

Набзам чинори пири ғами ҳаҷри ёр буд,
Ҷонам чароғи гумшудаи рӯзгор буд.
Фасли пур аз ғам аст маро тирамоҳи чашм,
Умрам ба рӯшанӣ ҳаваси обшор буд.
В-ин зиндагӣ чу нақши қудуми ту рӯи барф,
Беҳуда буду ҳеҷ буду нобарор буд.
Ҷуз корвони абр чӣ орад ба чашми ман,
Ин турнаҳои сол, ки такрори пор буд.
Оре, ба шаҳри хеш ғарибона бекасам,
Зеро, ки асли ман зи фазои чаҳор буд.
Сӯзан надоштам ба гиребони номи худ,
Ёре, ки доштам, ҳамаро кирдигор буд.

* * *

Рӯзҳо, барбод рафтанҳо,
Сӯхтанҳову шикастанҳо.
Риштаи найранги боварро,
Бо надоматҳо гусастанҳо.
Булбулеро аз қафас растан,
Чорае аз ҷон гузаштанҳо.
Ибтидои сабз буданро
Интиҳои хушк гаштанҳо
Чун дарахтеям ба набзи сабз,
Сарнавишти ман шикастанҳо.
Ишқро ман дӯст медорам,
Хешро афсона карданҳо.
Эй ҳақиқат, дӯзахи аммо,
Дӯст дорам бо ту буданҳо.
Эй Адиба, эй ҷамили ишқ,
Дар сухан бояд шукуфтанҳо

* * *

Дигар нагӯям аз дилу аз ишқ, музтарам.
Берун равад хаёли ту аз дидаи тарам,
Лашкар кашид кину хиёнат ба ҷони ман,
Шахсе намонд сокини бунлоди боварам.
Бе қиблаи суҷуд равам сӯи осмон.
Бе роҳу бетариқа, фақат гиря мебарам.
Товусҳои хотири худро раҳо кунам,
Симурғро дигар ба дили худ напарварам.
Ин коғази кабуд ба тасвири равзане,
Дигар харитаи сафарам нест, медарам.
Хокистар аст мармари сабри ҷамили ман,
Қақнус нестам, ки дигар сар биёварам.
Эй анкабут, риштаи фарёд метанӣ,
Дар тори ту фитода чу парвона ахтарам.
Масдуд буд мисли Масеҳ ишқ, эй Худо,
То чанд бар фиреби нигоҳаш бут офарам ?

* * *

Дилро зи дори ҳодиса фарёд мекунам,
Танҳоии Худой зи худ шод мекунам.
Гулхона буд ҷони ҷамилам зи ишқи ту
Дар фасли сарди чашми ту барбод мекунам.
Дорад Худои ман чу ниёзе ба ишқи ту,
Аз ишқи ту чи гуна дил озод мекунам ?
Бе он фасона зиндагӣ кардан намешавад,
Афсонаи нигоҳи туро ёд мекунам.
Донад Худо, парияму симурғпарварам,
Симурғҳои роми худ озод мекунам.
Меъроҷи ман навишта ба хатти сиёҳи шаб,
Оина дар шариати фарёд мекунам.

ЧОР ЁРОН

Беҳуда бувад ишқу ту дур аз назарам,
Эй ёди ту ҳамсафар ба шому саҳарам.
Кӯр асту кар асту шал дили дар домам,
Дарди ту даво наёфт аз чашми тарам.

Гулҳои нигоҳи ман хазони ту шуда,
Ҳар лаҳзаи ёди ман азони ту шуда.
Ҳар гиря муваззафи дуои ту шуда,
Тӯмори нигаҳдор ба ҷони ту шуда.

Дар гиря ба гиря чун гули нилуфарам,
Ҷуз сурати ту надид ин чашми тарам.
Гардам, ки мақоми ман набошад ёдат,
Бошад ба никоҳи расми хубат назарам.

Гар об зи кӯза бо чакидан кам шуд,
Соҳибсухан, обурӯ ба гуфтан кам шуд.
Бисёр махоб, сӯи Хуршед шитоб,
Афсӯс, ки зиндагӣ ба хуфтан кам шуд.

Ҳар вожа, ки гуфта будаам аз ғайб аст,
Дил гарчи ҷавон аст, хирадро шайб аст.
Бигзор гадо рақиб бошад ба гадо,
Шоир чу шавад душмани шоир,айб аст.

Эй дил на гулӣ на хор, не лоиқи ёр,
Не дӯст на душмани маро, содиқи ёр.
Мақсуди Худо зи ман ту будӣ, эй дил,
Эй содиқу эй лоиқу эй ошиқи ёр.

Эй лаҳза, туро, туро табобат бояд,
Яъне, ки ба Ҳақ туро садоқат бояд.
Эй дил чӣ кунӣ ба хок, болотар бош,
Пои ту бурун зи марзи соат бояд.

Дар дасти ҳароси шаб чу барги бедам,
Аз дидани дидори саҳар навмедам.
Гуфтам, ки туро садо кунам бо телефон,
Охир ту наойӣ сӯи шаб, хуршедам.

Анқояму вайронанишинам, эй дӯст,
Номат нанавишта дар ҷабинам, эй дӯст.
Сӯи ту равам, бурида болу пари ман,
Бошӣ тую доғи ту набинам, эй дӯст.

Гар аз ту ҷудоем, Худо бас бошад,
Дар бекасиҳо Худо маро кас бошад.
Ӯ буд наҷоти ман зи деву дади даҳр,
Варна на умеди ман зи ҳар хас бошад.

Эй дил саги ту, куҷост гарданбандам,
То шарти ғуломии абадро бандам.
Сад саҷда барам ба хоки поки қадамат,
То ки наравад ёди ту, дарро бандам.

Эй рафта ба бод, ҷуз ба хотир нарасӣ,
Дирӯз будӣ, валек ҳозир нарасӣ.
Эй шеъри баланди фикрҳои абадӣ,
Озоди Аминзодаи шоир нарасӣ.

Эй нола, ту дорӣ норӣ ё худ морӣ?
Ақлу нигаҳу ҷони маро озорӣ.
Ишқ аст паноҳбурда дар хилвати ҷон,
Ҳар лаҳза хабар зи ҳоли ӯ меорӣ.

Оҳ, эй нигаҳи гӯшанишинам то кай,
Аз ҷабри ту он ёр набинам то кай.
Ишқу дилу чашму ҷони ирфонии ман,
Ҷабру ситами ҳаҷр қаринам то кай.

Аз хӯи бадат зору забунам, эй дӯст,
Заҳри суханат ба набзу хунам эй дӯст.
Сад саҳфа саҳар навишт сад барги дуо,
Посухи ту озори фузунам,эй дӯст.

Хуршеднасаб кокули зарринам буд,
Ҳам гулбашакар чеҳраи ширинам буд.
Монанди булӯр қомати субҳназир,
Афсӯс барои нигаҳат ин кам буд.

Омӯз аз ин қабила мармарсифатӣ,
Эъдом кунад замона гавҳарсифатӣ.
Хуршед куҷо ба ёди мардум бирасад.
Дорем чу заҳҳокию аждарсифатӣ.

Эй лутфи фалак, халқи Худо ҷаббор аст,
Мансурсифат бекасиям дар дор аст.
Душман ҳама аждаҳою ман бечора,
В-ин дӯст, ки дӯст дорамаш,чун мор аст.

Рӯзе, ки шавам шишаи атри арабӣ,
Ё хоки маро кунанд ҷоми тарабӣ.
Оинаи қаднамо шавад қомати ман,
Ояд ҳама кас ба наздам ирфонталабӣ.

Авранги хирад набуд ҷои дили мо,
Аржанги муҳаббату вафои дили мо.
Ҳар кас нашавад лоиқи ишқи абадӣ,
Танҳо туи маҳбуби Худои дили мо.

Рӯзе зи ҷафои ёд фарёд шавам,
Монанди гуле, ки дар кафи бод шавам.
Рӯзе гули зардро баранд аз назарам,
Лайло шуда дар фасонаҳо ёд шавам.

Дар ҳар ду ҷаҳон лоиқи дори сақарам,
Ӯ нест дар ин қисмати зулматасарам.
Бегонаи обу дона бошад фикрам,
Сад кӯҳи зару сим нагирад назарам

Гар саҷда ба нокасон бигӯяд, напазир,
Айшу тараби ҷаҳон бигӯяд, напазир.
Имони ту аз гиря бигирад сайқал,
Ҷуз гиря чу ину он бигӯяд, напазир.

Товуси сухан зи бӯстони хирад аст,
Ороста сурати равони хирад аст.
Ишқе ки чудо зи нақшҳои араз аст,
Ишқи ту бувад, ки ҷони ҷони хирад аст.

Беҳуда бувад ҳамеша марямсифатӣ,
Савсаннасабӣ ҷилову шабнамсифатӣ.
Гул хор шавад ба чашми ин қавми касиф,
Бояд ба гуноҳашон ҷаҳаннамсифатӣ.

Дар боғи хирад хори муғелон ишқ аст,
Худ донаву доми марг бар ҷон ишқ аст.
Бигзор шиносем ки садбарг кӣ буд,
Дар ҳасрати дидори шукуфон ишқ аст.

Дил дар сақари сияр ба ғам масдуд аст.
То дидани дидори ту раҳ маҳдуд аст.
Бо ришстаи нур омада будем ба хок,
Роҳе ки ба осмон равем, аз дуд аст

Худбинию кас набинӣ, эй офати нур
Эй доғдил аз бахилӣ, бадхоҳшуур.
Эй будани ту шикасти ҳар шохаи сабз,
Эй кош, Худо туро кунад аз мо дур.

Оинаасирӣ то кай, эй гулдидор,
Зебоии ту шабеҳи зебоии мор.
То чанд бинозӣ бо хасу хори замин,
Онро, ки дар оина набинӣ, шав ёр.

Аз офати ишқат офият дур афтод,
Ҳарчанд ба шоми фикрҳо нур афтод.
Мақсуд зи доми мо набошад, море,
Бар дор шараф зи номи Мансур афтод.

Гулро зи чаман ба фикр кӯчат кардам,
Оина пур аз нақши ҳақиқат кардам.
Ислом ба тафсири ман адл асту зиё,
В-ин дини Худо ҷудо зи зулмат кардам.

Афсӯс туро, ки порсоӣ араз аст,
Бадхоҳию бадгӯӣ туро чун мараз аст.
Сад сачда барӣ ба пои мансабдорон,
Санҷидаи мо ин, ки саломат ғараз аст.

Гар пок будӣ, ба хок н-афтода будӣ,
Эй он, ки худ аз гуноҳҳо зода будӣ.
Яъне, ки гунаҳ кашид бар хок туро,
Андар адам, эй дӯст, ту озода будӣ.

Симои дӯрӯғ дидам аз оина,
Он «ҳа» ки шунидаам, бувад яксара «на».
Ин ҷо чамани фиреб рангин дидам,
Бошам чу гули нур чаманбегона.

Рафтем ба гулзори само гул чидан,
Чидем гули бунафшаю настарван.
Гуфтем бар он ягона такдим кунем,
Гуфто зи дил овар он гули лолаи ман.

Парвози маро ба бол дому расан аст,
Бечора дилам тӯъмаи зоғу заған аст.
Бегона бар ин мардуми бечора манам,
Яъне, ки маро атри сухан чун ватан аст.

Дил коғазу ишқи ту чу оташ бошад,
Умрам ба тилисми ҳаҷр нохваш бошад.
Бар кишвари инсоф сафар мебояд,
Не Амрику не Ҳинду Марокаш бошад.

Ҳар ҷо, ки қадам расид дом аст ин ҷо,
Қонуни ҳақиқате ҳаром аст ин ҷо.
Лаб номи Худо дораду дил майли гунаҳ,
Оинаи безанг кадом аст ин ҷо.

Мо субҳзамирему гуҳарҷома наем.
Тӯфони асирем, ба ҳангома наем.
Шуд номасиёҳ зиндагӣ аз ишқат,
Ҳарчанд сазовори яке нома наем.

Андеша, ки алмос ба тасвири ту буд.
Соат нигарон дар раҳи таъхири ту буд.
Занҷири сиришк дар гулӯи дили ман,
Чун саг ба кафи ҳукми ҷаҳонгири ту буд.

Ку он, ки дар оина муқимӣ монад,
Асрори ҳаёту маргро ҳам донад.
Ку чеҳра, ки дар чашми ту шарманда нашуд
Афсӯс, ҷаҳон аз сари мо мемонад.

Дар хок чаро дони муҳаббат корӣ
З-ин кишта фақат хори ҷафо бардорӣ.
Эй бехабар аз ҳазор найранги нигоҳ,
Дар маҳфили чашмҳо мисоли хорӣ.

Дар маҳфили зоғи боғ симурғ мабод.
Бар хоки пур аз гуноҳ ҳуре марасод.
Дар маҳфили шоирон мабодо суханам,
Дар анҷумани фалак гирифтори ту бод.

Эй бадбудагон, раведу собун ored,
Як чашма зи лоҷувардҳомун ored.
Ored ба козур дили чиркинро,
Пас саҷда бар он Худои бечун ored.

Садбарги сухан бидуни накҳат набувад,
Бе рамз сухан лоиқи иззат набувад.
Гар обу ҳавою офтобеяш нест,
Он беҳ, ки ба дафтарам яке хат набувад.

Дил чист ? чу албоми пур аз сурати ту,
Мазмуни умеду орзу суҳбати ту.
Дар хоки раҳат чу сабза мижгон руста,
Садбарги нигоҳи мост дар ҳасрати ту.

То чанд ту кӯҳнадӯз монӣ, шоир?
То чанд фасурдаҳарф монӣ охир,
Ин килку китоб аз Худованд расид,
Не аз кафи шайтону зи лутфи соҳир.

Эй мурдаватан, ки аз биёбон бошӣ,
Дар мулки Самарқанду Хуросон бошӣ.
Зиште нашавад азиз бар оина,
Он беҳ, ки ту дар оғили хукон бошӣ.

Дил дар ҳарами хирад наояд, донӣ,
Эй он, ки Масеҳию зи мо пинҳонӣ.
Гарди гунаҳи нигаҳ мабодо расадат,
Аммо чӣ кунам, ки мизбони ҷонӣ.

Кавкаб ки чароғи хонадони фалак аст,
Ҳаққо ки чу тасбеҳ ба дасти малак аст.
Чун ҳуру парӣ ҳама мусулмон бошанд,
Ин мазҳаби бутпарастӣ тардиду шак аст.

Ишқе, ки марост аз Худо омадааст,
Аз маъсияти гунаҳ ҷудо омадааст.
Чун хоб туро дида будам дар тифлӣ,
Ин ишқи муқаддас ба нидо омадааст.

Ин дил чу нигоҳбони дӯзах дорам,
Ҳар лаҳза чу хошок ба коми норам,
Лек аз гунаҳи ишқ пушаймон нашавам,
Гарчанд набудаӣ ту ҳаргиз ёрам

Дар оташи азрақӣ чу исриқ сӯзам,
Эй ишқ, балою дард, эй ҳасрату ғам,
Не карда ҷафо ёру на оварда вафо,
Не огаҳи мо ӯю на донад номам.

Ҳаргиз суханам мабод урён бошад,
Мазмун ба замири рамз чун ҷон бошад.
Гар лоиқи эътибори ту урёнист,
Дар кисвати тан ҷон зи чӣ пинҳон бошад?

Айб аст агарки одамӣ урён аст,
Беқадрии ҳарфро сабаб низ он аст.
Сурат чи бувад бидуни ҷон, лошаву бас,
Зебоӣ сухан бошаду мазмун ҷон аст.

Аз лолаву гул ҳиҷоб дорад суханам,
Хуршед даруни об дорад суханам.
Монанди парӣ даруни сад ранг ҳарир,
Мастӣ, ки на аз шароб, дорад суханам.

Эй дил, дили моҳу субҳу хуршедшаҷар,
Он ёр намекунад чаро бар ту назар?
Афсӯс, надонадат дусадранги дудар,
Бояд, ки кунӣ ба хонаи Дӯст сафар.

Он беҳ, ки ба неку бад баробар нашавӣ,
Бар ҷурму гуноҳи халқ довар нашавӣ.
Ҳам довари мост Ӯю ҳам раҳбари мо,
Он беҳ, ки ба ҳеҷ кас ту раҳбар нашавӣ.

Онро, ки сухан мисоли дурр асту зар аст
Дар сарфи сухан ҳамеша оҳистатар аст.
Онро, ки сухан фузун бувад чун партов,
Ҳам нохушии хотиру ҳам дарди сар аст.

Ҳарфи ками ёр чашмаи ширин аст,
В-ин ҳарфи зиёди кас фачу нангин аст.
Бояд, ки сухан ба ташна бошад чун об,
Ё ишқ шавад ба ҷон, рисолат ин аст.

То рӯзи фано ҳамеша худро созам,
То рӯзи ҷазо ба ишқи ӯ менозам.
То оташи мавъуд манам як тавба,
Ҳоло чи касам, ҳазор ранги розам

Дур аз сухани хеш намебояд буд,
Аз гуфтаи худ беш намебояд буд.
Бояд, ки сухан ҳақиқати ҷон бошад,
Фарқи сухану кеш намебояд буд.

Аз душман агарчи дӯстӣ бовар нест,
Ҷуз марг зи васли об бар озар нест.
Моем нишони кинаҳои душман,
Зеро ки ба ҷони мо нишони шар нест.

Се барги хаёли ман ба дасти бод аст,
Се фасли ҳаёти ман пур аз фарёд аст.
Си барги гули бақо маро дар нафас аст,
Ишқи ту маро асос бар бунёд аст.

Он ёри бадеъулнигаҳ аз мо дур аст,
Бе будани ӯ маззаи қисмат шур аст.
Гунбад сияҳ асту гетӣ бемазмун аст,
Афсӯс, ҳамеша ёр номанзур аст.

Суратгари ман, нигаҳ бар сират кун.
Сад нусха дилам нашр куну қисмат кун.
Сад нусха дилам шукуфта дар боғи фалак,
Бишнос дили маро, биё, ҳиммат кун.

Бе ишқ дилам шудаст фирӯзарухом,
Афсӯс, ки тоири нигаҳ раст зи дом.
Он ишқи раҷим ҳеҷ риҷъат накунад,
Эй дайри дусдранг, туӣ бадфарҷом.

Дил рафта ба кӯи ёри бенақшунигор,
Ҷон раста зи обу хоку аз баргу баҳор.
Оре, ки работи ранг пурнайранг аст,
Оҳ эй дили фандхӯрда ӯро бигузор.

Бутхонаи дил дар оташи мавъуд аст,
Фарёд, нигаҳ ба маъсият масдуд аст.
Сурат, ки чу озар аст, хокистар шуд,
Сират, ки сиёҳхонае буд, дуд аст.

Эй маслаки чашмҳои ту бад дидан,
Чизе ба ҷуз аз амри гунаҳ нашнидан,
Серӯзаи умр бигзарад зуд чу бод,
Эй охиратат ба ҷуз ҷазо нодидан.

Дил ҳам сияҳ асту рӯсиёҳи гунаҳем,
З-он раҳ ки барад сӯи ту, беруни раҳем.
Аз роиҳаи биҳишт бӯе набарем,
Дар оташи дӯзахи ту монанди каҳем.

Эй фасли баҳори тавба аз мо магузар,
Масмуми гуноҳему сазовори сақар.
Мо карда сафар зи кӯи исломи Худо,
Сад ранг гуноҳ аст ба ҷони музмар.

Эй зиндагӣ, эй китоби пуртасвирам.
Аз даст гузорамат, чаро таъхирам.
Ҷуз илми ҷафо набуд бинвиштаи ту,
Эй коғазаки сӯхтаи тақдирам.

Таҳрир намешавад чу холу хати мо,
Оростанӣ, азизи ман, сирати мо.
Дорад гулу обу боду борону баҳор,
Музмар ду ҳазор шамс дар суҳбати мо.

Бо номи ту мекашам нафас, ҷони азиз,
Эй ишқи ту чун дому қафас, ҷони азиз.
Аз ишқи ту хушбахт нашуд тақдирам,
Ман боркаши таънаи кас, ҷони азиз.

Дар силки самовот маро тӯшаӣ, ишқ!
Раҳбурда ба дӯзахӣ маро, хӯшаи ишқ.
Ин ҳарду ҷаҳонро ҳама мазмун як аст,
Ин ҳарду ҷаҳон аст яке гӯшаи ишқ.

Эй ёри латифчашми суратпидром,
Алҳамд, ки сурат аст бар ишқ чу дом.
Ин сирати ман пур аст аз сурати ту,
Яъне ки ту суратию дил чун албом.

То омадӣ,шуд баста дари поки биҳишт,
Бидруд касе кишти муҳаббат зи сиришт.
То омадӣ, маҳбуси қафас шуд сурат,
То омадӣ, фармони фано Ӯ бинавишт.

Сурат ҷасади мурдаву тобут албом.
Ҷон тоири масдуд бувад, сурат дом.
Эй рафта зи сурат ба фазои сират,
Овар ту зи сирати Худованд паём.

Биншаста ба боми лоҷуварди малакут,
Дар дасти ту он лолаи зарди малакут.
Фарз аст ба ҳар дилу хаёле ишқат,
Бемислу мисоли мо, ту фарди малакут.

Гаҳ сода чу обу гоҳ мармуз чу хок.
Гаҳ ғамзада чун гиря, гаҳе маст чу ток.
Гаҳ мурдаи ҳичрону гаҳе зиндаи шавқ,
Дар ҳар ҳолат ҳамеша озодаву пок.

Эй нома, ки омадӣ зи дасти салафут,
Эй моҳӣ, ки растаи зи шасти салафут.
Алҳамд, ки аз мурдани мо бехабарӣ,
Эй шеър, ту рӯҳи бешикасти салафут.

Мазмуни шитобат охури обу алаф,
Ҳам фикри харобат охури обу алаф.
Бедор набудаӣ ту умре чун хирс,
Ширинии хобат охури обу алаф.

Тобут ба дӯши нафасӣ, эй будан,
Парвози маро чун қафасӣ, эй будан.
Бонги ҷараси марг ба дасти соат,
Дар тори аҷал чун магасӣ, эй будан.

Мирем нишаста зери девори ҳаё,
Афтодаю бечораю бемори ҳаё.
Ҷуз ту набувад ҳеҷ касе лоиқи ишқ,
Оҳ, эй нигаҳи поки сазовори ҳаё.

Бо номи ту мекашам нафас, ҷони дилам,
Товусаму ишқи ту қафас ҷони дилам.
Беҳ аз ту набуда Ҳофизу Румӣ ҳам,
Медонаму донад ҳама кас ҷони дилам

Эй сифрсухан, хамӯшии туст савоб.
Аз суҳбати ту фикр шавад хонахароб.
Аз баҳри Худо раҳм ба ҷони мо кун,
Як лаҳза бигир бар даҳони худ об

Чаро эй килки ман ин ҳарзагардӣ,
Зи нохуш саҳфаҳоро хаста кардӣ.
Биёвар з-осмони қалб кавкаб,
Бибояд бо хирад кайҳонавардӣ.

Зи роёна паёми ёр н-ояд,
Ки ҷонамро ба шодӣ раҳ намояд.
Агар дурем аз даргоҳи Хуршед,
Дар ин зулмат ба ҷуз ёдаш набояд.

Ба хобам лутф бинмо, рӯй бинмо.
Яке гул андар оби ҷӯй бинмо.
Шудам ҷорӣ ба сӯят мисли атре,
Ту ҳам бикшо дари он кӯй, бинмо.

Дилам чун номаҳои норасидаст,
Заҳиру зард, афсурда, даридаст.
Нигоҳам низ чун гиря ба хок аст,
Ки рӯи оламороят надидаст.

Биё тасвир, бар оина баргард,
Биё алмос, бар ганҷина баргард,
Биё баргард эй ҷон бар дили ман,
Ба чашми ошиқи дерина баргард.

Гули олуча устоди дилам буд,
Ки садбарге зи будан ҳосилам буд.
Туро дидор дар он сӯи девор,
Дар ин ҷо гиря умри зоилам буд.

Зи товусону симурғон чӣ хоҳам,
Зи дурии дил аз ёрон чӣ хоҳам.
Дуои ту муродам аз намоз аст,
Ба ҷуз ту охир аз кайҳон чӣ хоҳам.

Намехоҳам расам то ту, чу сардам,
Ту ҳусни беназирӣ ман чу гардам.
Мисоли чашмаи миноӣ покӣ,
Кавири ташнаеро раҳнавардам.

Маро раҳтӯша аз парҳезгорист,
Ба ҷои хун ба набзам нур ҷорист.
Ҷавоби номаи ишқам наомад,
Тамоми зиндагиям интизорист.

Ба тақдирам ҳазору сад хато рафт,
Зи кӯи нола ҷонам бесадо рафт,
Мисоли дузд бахти ман рабуда,
Зи даргоҳам хиёнат бечазо рафт

Зиндагонии ғуборӣ доштам дар ёд,
Зиндагонии ҳубобӣ доштам дар бод.
Эй чинори садҳазоронсолаи ғам-ишқ,
Будам охир зиндагии обии фарёд.

ФЕҲРИСТ

Шарҳи ҳоли ғам 3
Мисоли чашма ҷӯшидан гуноҳ аст 3
Ногаҳ нигоҳ нола шуду шамъ кушта шуд 4
Мубсароти зиндагиро мегузорам дур 5
Эй офтобу обу ҳавои ҳаёти ман 5
Оқибат дар сукути дашти фикр 6
Эй охирин умеди хазони масири бод 6
Зарангезии хотир 7
Каъбаи чашм 7
Ғамнавард 8
То куҷо парвоз 8
Иқтибоси чашмҳои туст хушбахтӣ 9
Хӯшазори оҳҳоямро дарав бинмо 10
Номаи ашки нишот 10
Як шаҷар некӣ 11
Савганд 12
Чароғи шикаста 12
Ихтисори ман 13
Аз хазони асрҳои дур 14
Нақшҳои кавши Сӯҳроб 14
Пушти фардои наоянда 15
Рамзи тасвир 16
Боз ҳам аз ишқ хоҳам гуфт 17
Савганд бо анҷир 17
Мусофир омад 18
Номаҳои абр 18
Як қафас торикӣ 19
Зодрӯзи чашм 20
Худо доност 20
Дарвозаи заррини борон 21
Ғуруби шишаҳои сабз 22
Дар шабистони фалак 23
Суҳбати баргисапедорӣ 23
Аз гул то гил 24

Сад чаман садбарг 25
Соҳили мурдоби оина 26
Садои шикастан 26
Дар ҷавори хотироти бод 27
Аз саҳфа то сарнавишт 28
Маргҳо хотира дорам то марг 28
Садои ташнагӣ 29
Ҷангали сабзи дуо 29
То шоирӣ 30
Фарёди нигоҳ 30
Иқтидо 31
Килки соат 32
Дарвеш 32
Ҳамчу тӯфони дили садбарг 33
Эй муқими дӯзахи фарёд 33
Дар маҳфили бод 34
Бодбурда 34
То бомдоди беғурубӣ 35
Фасли чашмрез 36
То завол 36
Парвози асир 37
Илми бечора 37
Ғуруби шаҷар 38
Дур аз маъно 39
Чанори сабзи набз 39
Девор 40
Рӯзи танҳоии оина 40
Маҳбус 41

ҒАЗАЛИЁТ 42

ЧОР ЁРОН (рубоӣ ва дубайтиҳо) 64

Адибаи Хуҷандӣ

ХУРШЕДИ РАҲГУЗАР

Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

Ба матбаа 14.06.2016 супурда шуд.
Чопаш 16.06.2016 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 5,0. Андозаи 60х84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар ҶДММ «Балоғат» чоп шудааст.